# ПРИНСИПҲОИ РОҲБАРИКУНАНДА ВОБАСТА БА МАҚОМИ СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИИ ҶАМОАҲОИ ДИНӢ ВА ҶАМОАҲОИ БА ЭЪТИҚОДҲОИ МУАЙЯН ПАЙРАВИКУНАНДА

Ин ҳуҷҷат дар ибтидо аз ҷониби Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДИДҲБ) ва Комиссияи Венетсиягии Шӯрои Аврупо соли 2014 ҳамчун Guidelines on the Legal Personality of Religious or Belief Communities (Дастурамал оид ба шахсияти ҳуқуқии ҷамоатҳои динӣ ё мазҳабӣ) ба нашр расидааст. Нусхаи тоҷикии ин ҳуҷҷат тарҷумаи ғайрирасмии он буда, бо дастгирии ДИДҲБ тартиб дода шуда ба табъ расидааст. Ақидаҳо ва маълумоти дар ин нашрия ҷой дошта, ҳатман сиёсат ва мавқеи ДИДҲБ-ро инъикос намекунанд.



**Мундариҷа**

Сарсухан .......... 5

Рӯйхати ихтисорот .......... 7

Қисми I. Озодии дин ё эътиқод ва маҳдудиятҳое, ки умуман имконпазиранд .......... 6

Қисми II. Озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқод дар якҷоягӣ бо дигарон. .......... 11

Қисми III. Ташкилотҳои динӣ ё ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда... 14

Қисми IV. Имтиёзҳо барои ҷамоаҳо (ташкилотҳо)-и динӣ ё ҷамоаҳо (ташкилотҳо)-и ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда .......... 35

Замима.
Уҳдадориҳои интихобнамудаи САҲА оид ба озодии дин ё эътиқод .......... 37

**Сарсухан**

Дар Санади Вена аз соли 1989 (б. 16.3) Давлатҳои иштирокчии САҲА ваъда доданд, ки «бо дархости худи онҳо ба иттиҳодияҳои эътиқодманд, пайравикунанда ё иттиҳодияҳое, ки барои ба дини худ пайравӣ намудан омодаанд дар доираи конститутсияи кишварҳои худ, мақоми дар ҳамон кишвар пешбинишударо эътироф намоянд».

Дар минтақаи САҲА уҳдадории мазкур нисбати ҷамоаҳои зиёди динӣ ё ҷамоаҳое, ки ба эътиқодҳои муайян пайравӣ мекунанд, иҷро мешаванд. Бо вуҷуди он, дар як қатор давлатҳои иштирокчии САҲА, ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ барои иҷроиши он монеаҳо мавҷуданд. Бахусус, ҳуқуқҳои доираи васеи ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳое, ки ба эътиқоди муайян пайравӣ мекунанд дар натиҷаи истифодаи низомҳои ҳатмии бақайдгирӣ, ҳамчунин бо мушкилиҳои ҷиддии хусусияти амалӣ ва ҳуқуқӣ дошта барои дарёфти мақоми шахси ҳуқуқӣ, поймол карда мешаванд.

Соли 2004 ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсианӣ ин ва як қатор мушкилоти дигари марбут ба ҳуқуқҳои мазкурро дар нашрияи таҳти унвони «Тавсияҳо оид ба таҳлили қонунгузорӣ дар бораи дин ё эътиқод»[1] ба баррасӣ гирифтанд. Аз ҳамон лаҳза дигар мақомотҳои минтақавию байналмилалии ҳуқуқи инсон оид ба масъалаҳои мазкур як қатор изҳорот, хулосаҳо ва қарорҳоро қабул намуданд. Мантиқан ҳамаи ин талаб намуд, ки тавсияҳои ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсианӣ дар самти мазкур аз нав дида баромада шаванд. Чунин зарурият дар асоси Қарори Шӯрои вазирон «Дар бораи озодии ақида, виҷдон, дин ё эътиқод», ки соли 2013 дар Киев қабул шуда давлатҳои иштирокчиро ба «худдорӣ намудан аз ҷоринамоии маҳдудиятҳои мухолиф бо уҳдадориҳои сиёсии дар доираи САҲА пазируфташуда ва уҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, ки ба амал баровардани ибодати динии шахсони воқеӣ ва ҷамоаҳои динӣ ё пайравӣ намудан ба эътиқоди худ» даъват менамояд, мебошад.

Мақсади Тавсияҳои мазкур – барои ашхосе, ки дар таҳия ва татбиқи қонунгузорӣ дар соҳаи озодии дин ё эътиқод иштирок мекунанд, аз он ҷумла ба намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, пешниҳод намудани ҳуҷҷати намунавии дарбаргирандаи меъёрҳои ҳадди ақали байналмилалӣ дар самти эътирофнамоии ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳое, ки ба эътиқоди муайян пайравӣ мекунанд, мебошад. Муаллифон кӯшиш намекунанд, ки созишномаҳои амалкунандаи байни давлатҳо ва ҷамоаҳои диниву ҷамоаҳои ба эътиқоди муайян пайравикунандаро зери шубҳа гузоранд. Вазифаи ҳуҷҷати мазкур бештар ба таври мухтасар шарҳ додани заминаҳои ҳуқуқие, ки ба ҷомеаҳои хоҳишманд имконияти одилонаи ба даст овардани мақоми шахси ҳуқуқӣ, инчунин, истифодаи меъёрҳои муқарраршударо бидуни табъиз таъмин намудан мебошад, равона шудааст. Дар нашрияи мазкур масъалаҳои бақайдгирӣ ва эътирофи расмии ташкилотҳои динӣ ё ташкилотҳои ба эътиқоди муайян пайравикунанда ба таври

[1] http://www.osce.org/odihr/13993.

муфассал баррасӣ мешаванд ва ин маводро бахши II.F-и Тавсияҳои соли 2004 «Қонунҳои танзимкунандаи бақайдгирии ташкилотҳои динӣ ва ташкилотҳои ба эътиқоди муайян пайравикунанда» пурра мекунад. Бо вуҷуди ин, муқаррароти Тавсияҳои соли 2004 пурра эътибори худро нигоҳ медоранд.

Тавсияҳои мазкур натиҷаи машваратҳои ҳамаҷониба бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ мебошад. Дар рафти омодасозии ин нашрия чор ҷаласа дар шакли мизи мудаввар гузаронида шуд, ки дар онҳо лоиҳаҳо ва таҳрири ниҳоии ҳуҷҷати мазкур – дар Киев (3 сентябри соли 2013), Варшава (26 сентябри соли 2013), Остона (10 октябри соли 2013) ва Брюссел (24 октябри соли 2013) баррасӣ шудаанд. Дар маҷмӯъ, дар ҷаласаҳо беш аз 90 нафар намояндагони минтақаҳои мухталифи ҷуғрофӣ ва дорои дараҷаҳои гуногуни коршиносию тахассусӣ ширкат варзиданд. Илова бар ин, дар рафти омодасозии ҳуҷҷати мазкур бо Шӯрои коршиносони САҲА/ДИДҲИ оид ба масъалаҳои озодии дин ва эътиқод, ки ба ҳайати он 12 коршиносони мустақил аз тамоми минтақаи САҲА аз моҳи феврали соли 2013 интихоб гардидаанд, машваратҳо баргузор шуданд. Тавсияҳои мазкур инчунин ба натиҷаҳои кори муҳиме, ки Маърӯзачии махсуси СММ оид ба озодии дин ва эътиқод Профессор Хайнер Билефелдт ба сомон расонидааст, такя мекунад. Мо ба ҳамаи намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимон, шахсони мансабдори давлатӣ ва дигар мутахассисоне, ки ҳангоми омодасозии ҳуҷҷати мазкур бо таҷрибаи коршиносии худ саҳм гузошта, хулосаҳои худро пешниҳод намуданд, арзи сипос менамоем.

Комиссияи Венетсианӣ Тавсияҳои мазкурро 16 июни соли 2014 дар сомонаи расмии худ нашр намуд[2] ва гарчанде шарафи муаррифӣ намудани ҳуҷҷати таҳрирёфтаи ниҳоии мазкур ба зиммаи мо афтодааст, мо мехоҳем ба собиқ Директори ДИДҲИ Сафир Янез Ленарчич барои роҳбарӣ ҳангоми омодасозии нашрияи мазкур изҳори миннатдорӣ намоем.

Мо умедворем, ки ҳуҷҷати мазкур ба таври васеъ истифода мешавад ва ба ҳамаи ҷамоаҳои динию ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда ҷиҳати ба даст овардани дилхоҳ мақом ёрӣ мерасонад ва ҳамин тариқ ба таъмини амалигардонии ҳуқуқҳои ҳар як шахс ба озодии пайравӣ кардан ба дин ва эътиқод ба пурраги ва бо шаъну шарафе, ки сазовори он мебошад, мусоидат хоҳад кард.

| | |
|---|---|
| Михаэл Георг Линк | Д-р Ҷанни Букиккио |
| Директори ДИДҲИ | Раиси Комиссияи Венетсианӣ |

[2] Баъд аз қабули тавсияҳо аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар Иҷлосияи пленарии 99-ум таърихи 13-14 июни соли 2014, аз ҷониби ДИДҲИ таҳрир шуданд.

**Рӯйхати ихтисораҳо**

| | |
|---|---|
| КАҲИ (АКПЧ) | Конвенсияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон |
| ДИДҲИ | Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон |
| КАвҲИ (ЕКПЧ) | Ковенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон) |
| САҲИ (ЕСПЧ) | Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон |
| ПБҲШС (МПГПП) | Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |
| САҲА | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| ММ СММ | Маърӯзачии махсуси СММ оид ба озодии дин ё эътиқод |
| ШИИ СММ | Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ |

**ҚИСМИ I. Озодии дин ё эътиқод ва маҳдудиятҳое, ки умуман имконпазиранд**

**1.** Озодии дин ё эътиқод ба ҳуқуқҳои асосии инсон тааллуқ дорад, ки ҳам дар санадҳои байналмилалӣ[3] ва ҳам дар уҳдадориҳои САҲА[4] эътироф гаштаанд. Тибқи меъёрҳои байналмилалӣ, ҳар як инсон ба озодии ақида, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад[5]. Ин ҳуқуқ озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқоди худ чи дар танҳоӣ ва ё дар якҷоягӣ бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ ибодат намудан, таълим гирифтан, иҷро кардани расму оинҳои диниву маросимҳоро дар бар мегирад[6].

**2.** Мафҳумҳои «дин» ва «эътиқод»-ро бояд ба таври васеъ тафсир намуд[7]. Нуқтаи ибтидоии муайянкунии доираи татбиқи озодии дин ё эътиқод бояд худмуайянкунии дин ё эътиқод бошад, гарчанде мақомотҳои давлатӣ бешубҳа барои муайян намудани истифодаи мафҳумҳои мазкур дар ҳолати мушаххас салоҳияти муайянро барои истифодаи баъзе аз меъёрҳои воқеиву расмӣ доранд. Динҳо ва эътиқодҳои бузургу гуногун мавҷуданд[8]. Ҳамин тариқ, озодии дин ё эътиқод на танҳо нисбати динҳои анъанавӣ (ё эътиқодҳои анъанавӣ) ё динҳову эътиқодҳое, ки аз рӯи хусусиятҳои ташкиливу амалии худ ба дину эътиқодҳои анъанавӣ шабоҳат доранд, татбиқ мешавад[9]. Озодии дин ё эътиқод ақидаҳои теистӣ, ғайритеистӣ ва атеистӣ, аз он ҷумла ҳуқуқи пайравӣ накардан ба ҳеҷ гуна дин ва ё эътиқодро ҳимоя мекунад[10].

---

[3] Паймони байналмилалӣбайналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС), мод.18; Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқҳои инсон (КАвҲИ), мод.9; Конвенсияи Амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (КАҲИ), мод.12; Хартияи ИА оид ба ҳуқуқҳои асосӣ, мод. 10.

[4] Санади ниҳоии вохӯрии Вена (Машварати сеюм дар асоси муқаррароти санади ниҳоии марбут ба иқдомҳои минбаъда пас аз машварат (дар Ҳелсинки)), Вена, соли 1989. (минбаъд – «Вена, 1989»), бандҳои. 11, 16, 17 ва 32; Санади Машварати Копенгагении Конфронс оид ба андозагирии ченакҳои инсонии МАҲА соли 1990. (минбаъд – «Копенгаген, 1990»), бандҳои 9.4; Санади Будапештии МАҲА соли 1994. «Дар роҳи шарикии ҳақиқӣ ба давраи нав» (минбаъд – «Будапешт, 1994»), б. 27; Санади вохӯрии ёздаҳуми Шӯрои вазирон, Маастрихт, соли 2003. (минбаъд – «Маастрихт, 2003»), б. 9.

[5] ПБҲШС, мод. 18(1); КАвҲИ, мод. 9(1); КАҲИ, мод. 12(1); Копенгаген, 1990, б. 9.4; Хартияи ИА оид ба ҳуқуқҳои асосӣ, мод. 10.

[6] ПБҲШС, мод. 18(1); КАвҲИ, мод. 9(1); КАҲИ, мод. 12(1); Копенгаген, 1990, б. 9.4.

[7] Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Маърӯзаи Маърӯзачии махсус оид ба озодии дин ва эътиқод, 22 декабри соли 2011, A/HRC/19/60 (минбаъд – «Маърӯзаи ММ СММ оид ба эътироф»), б. 38; Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, adopted by the Venice Commission at its 92nd Plenary Session (Venice, 12-13 October 2012), para. 34. CDL-AD(2012)022, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 92-юмин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 12-13 октябри соли 2012), банди 34.]

[8] Маърӯзаи ММ СММ оид ба эътироф, б. 31.

[9] United Nations Human Rights Committee, General Comment 22 (UN Doc. HRI/GEN/1/Rev.1 at 35 (1994)), para. 2 [Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22 (UN Doc. HRI/GEN/1/Rev.1 дар 35 (1994)), б. 2]; Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва ДИДҲИ/САҲА оид ба

**3.** Озодии дин ё эътиқод бо дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон, хусусан бо чунин ҳуқуқу озодиҳо ба монанди озодии ибрози ақида[11], озодии ҷамъомад ва муттаҳидшавӣ[12] ва ҳуқуқ ба озодӣ аз табъиз[13] алоқаи зич дорад.

**4.** Ҳуқуқи доштан ё қабул намудани дин ё эътиқод бо интихоби худ, ки ҳамчунин ҳуқуқи иваз кардани дин ё эътиқоди худро[14] дар бар мегирад, наметавонад мавриди ҳеҷ гуна маҳдудкунӣ қарор гирад[15].

---

лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ ва оид ба қонунҳо дар бораи вориднамоии тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба муносибатҳои байни Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ»], CDL-AD(2011)028, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 88-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 14-15 октябри соли 2011), бандҳои 22-24; Interim joint opinion on the law on making amendments and supplements to the law on freedom of conscience and religious organisations and on the laws on amending the criminal code; the administrative offences code and the law on charity of the Republic of Armenia by the Venice Commission and OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки пешакии Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ дар бораи Қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиу иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи эҳсонкорӣ»], CDL-AD(2010)054, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 85-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 18-18 декабри соли 2012), банди 43; САҲИ, 15 июни соли 2010., Grzelak v. Poland [«Гжеляк муқобили Лаҳистон»], Аризаи №7710/02, банди 85; САҲИ, 25 маи соли 1993, Kokkinakis v. Greece [«Коккинакис муқобили Юнон»], Аризаи №14307/88, банди.31; САҲИ, 18 феврали соли 1999, Buscarini and Others v. San Marino [Бускаринӣ ва дигарон муқобили Сан-Марино»], Аризаи № 24645/94, банди 34.

[10] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумӣ № 22 (UN Doc. HRI/GEN/1/Rev.1 at 35 (1994)), б. 2; Interim joint opinion on the law on making amendments and supplements to the law on freedom of conscience and religious organisations and on the laws on amending the criminal code; the administrative offences code and the law on charity of the Republic of Armenia by the Venice Commission and OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки пешакии Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ дар бораи лоиҳаи Қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиу иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи эҳсонкорӣ»], CDL-AD(2010)054, бандҳои 46-47.

[11] Масалан, нигаред ба Маърӯзаи Маърӯзачии махсус оид ба масъалаи озодии дин ва эътиқод Асма Ҷаҳонгир ва Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шаклҳои муосири нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, ксенофобия ва таҳаммулнопазирии ба он вобаста Дуду Диен тибқи қарори 1/107 Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон доир ба барангехтани кинаву адовати нажодӣ ва динӣ ва мусоидат ба таҳаммулпазирӣ, 20 сентябри соли 2006, UN Doc. A/HRC/2/3, бандҳои 40-43.46-47.

[12] ECtHR 26 October 2000, Hasan and Chaush v Bulgaria, Application no. 30985/96, para. 62. [САҲИ, 26 октябри соли 2000, «Ҳасан ва Чауш муқобили Булғористон», Аризаи №30985/96, банди 62]

[13] Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва мақоми ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷомеаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 90-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 16-17 марти соли 2012), банди19.банди 19.

[14] КАвҲИ, мод. 9(1); Копенгаген, 1990, б. 9.4; Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б. 5; Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ доир ба

**5.** Озодии пайравӣ ба дин ё эътиқод метавонад танҳо ҳангоми ҷой доштани ҳамаи меъёрҳои зерин мавриди маҳдудкунӣ қарор гирад:

А. Маҳдудкунӣ тавассути қонун муқаррар шудааст[16];

Б. Ҳадафи маҳдудкунӣ аз ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқ[17] ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсони дигар[18] иборат аст;

В. Маҳдудкунӣ барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои мазкур зарур ва бо он мутаносиб аст[19];

Г. Маҳдудкунӣ бо ҳадафҳои табъиз кардан муқаррар нашудааст ё ба таври табъизкунанда татбиқ намешавад[20].

**6.** Маҳдудкуниҳо набояд тавре татбиқ карда шаванд, ки озодии дин ё эътиқод поймол карда шавад[21]. Ҳангоми тафсир намудани доираи татбиқи муқаррарот оид ба маҳдудкуниҳои имконпазир давлатҳои иштирокчӣ бояд ба зарурияти ҳифзи ҳуқуқҳои дар санадҳои байналмилалӣ кафолатдодашуда[22] такя кунанд.

**7.** Барои он ки ин ё он маҳдудкунӣ «дар қонун пешбинӣ карда шавад», меъёри қонун, ки маҳдудияти мазкурро муқаррар менамояд, бояд ба таври кофӣ дастрас ва пешбинишаванда бошад. Ин маънои онро дорад, ки он бояд ба таври дақиқ батартиб даровара шавад, то ба шахсони алоҳида ё ҷамоаҳо имконият дода шавад, рафтори

---

Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ], CDL-AD(2012)022, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 92-юмин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 12-13 октябри соли 2012), банди 31.

[15] ПБҲШС, мод. 18(2); КАҲИ, мод. 12(2); Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б. 8; Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ], CDL-AD(2012)022, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 92-юмин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 12-13 октябри соли 2012), бандҳои 28 ва 30.

[16] ПБҲШС, мод. 18(3); КАвҲИ, мод. 9(2); КАҲИ, мод. 12(3); Копенгаген, 1990, б. 9.4; САҲИ, 30 июни соли 2011, Association les Temoins de Jehovah v. France [«Иттиҳодияи «Шоҳидони Яҳво муқобили Фаронса»], Аризаи №8916/05, бандҳои 66-72.

[17] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон қайд мекунад, ки «мафҳуми ахлоқ дар асоси анъанаҳои бисёри ҷамоавӣ, фалсафавӣ ва динӣ асос меёбад ва аз ин лиҳоз, муқаррарнамоии маҳдудиятҳо ба озодии пайравӣ намудан ба дин ё эътиқод бо мақсади ҳифзи ахлоқ бояд ба принсипҳое асос наёбанд, ки танҳо аз як анъанаи алоҳида маншаъ мегиранд» (Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б. 8).

[18] ПБҲШС, м.18 (3): КАвҲИ, м. 9, ки дар онҳо номгӯи маҳдудиятҳо ва асосҳо барои муқаррар намудани маҳдудият: «ба манфиати амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи ҷамъиятӣ ё ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар» мебошанд.

[19] ПБҲШС, мод. 18(3); КАҲИ, мод.12; муқоиса бо КАвҲИ, мод. 9(2) («дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати …заруранд»).

[20] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б.8.

[21] Дар ҳамон ҷо.

[22] Дар ҳамон ҷо.

худро танзим кунанд (агар зарур бошад бо истифодаи машваратҳои дахлдор). Барои он, ки қонуни миллӣ ба талаботи мазкур ҷавобгӯ бошад, он бояд ҳимояи ҳуқуқиро аз дахолати худсаронаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон таъмин намояд. Вогузор намудани масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои асосӣ ба ихтиёри мақомоти ҳокимияти иҷроия бе маҳдудкунии салоҳиятҳои онҳо вайронкунии принсипи волоияти ҳуқуқ мегардад. Ҳамин тариқ, қонун ҳадди чунин салоҳиятро, ки ба мақомоти дахлдори ҳокимият дода шудааст бояд тартиби истифодаи онро басо аниқ нишон диҳад[23]. Инчунин пешбинӣ шудааст, ки маҳдудиятҳо наметавонанд нисбати шахсони мушаххас ё гурӯҳҳо бо санаи гузашта ё худсарона истифода бурда шаванд. Илова бар ин, қобили қабул нест, ки маҳдудиятҳо бо меъёрҳое ҷорӣ шаванд, ки қувваи қонунро дошта бошанду, аммо то андозае норавшан бошанд, ки ба фаҳмидани талаботи қонун имконият намедиҳанд, ё ба татбиқи худсаронаи қонун роҳ медиҳанд[24].

**8.** Маҳдудиятҳо метавонанд танҳо барои ҳадафҳои дар муқаррароти марбут ба озодии дин ё эътиқод пешбинишуда татбиқ шаванд; истифодаи онҳо бидуни асоси дар санадҳои байналмилалӣ пешбинишуда мумкин нест, ҳатто дар мавриде ки маҳдудиятҳо бо чунин асосҳо нисбати дигар ҳуқуқҳо ва ё озодиҳои асосии инсон иҷозат дода мешаванд[25].

**9.** Маҳдудиятҳо бояд тибқи асосҳое зарур бошанд, ки дар муқаррароти қонунгузории соҳаи озодии дин ё эътиқод пешбинӣ шудаанд. Барои он ки ин ё он маҳдудият зарур шавад, он бояд бевосита бо ҳадафи мушаххас, ки маҳдудкунӣ ба ноилшавии он нигаронида шудааст вобаста бошад, ва бо ҳамон ҳадаф мувофиқ

---

[23] САҲИ, 26 октябри соли 2000, Hasan and Chaush v Bulgaria [«Ҳасан ва Чауш муқобили Булғористон»], Аризаи №30985/96, банди 84; Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва дин ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба муносибатҳои Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ», CDL-AD(2011)028, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 88-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст] (Венетсия, 14-15 октябри соли 2011), банди 35.

[24] Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (ШИИ СММ-ЭКОСОС ООН), Принсипҳои Сиракузии тафсири муқаррарот оид ба маҳдудиятҳо ва баромадан аз доираи муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (Принсипҳои Сиракуза - ШИИ СММ), UN Doc. E/CN.4/1985/4, Замимаи (1985), бахши B(i), бандҳои 15-18]; Joint Opinion on Freedom of Conscience and Religious Organizations in the Republic of Kyrgyzstan by the Venice Commission and OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва Шӯрои машваратии САҲА/ДИДҲИ оид ба озодии дин ва ё эътиқод дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон CDL-AD(2008)032, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 76-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст] (Венетсия, 17-18 октябри соли 2008), банди 6.

[25] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б. 8.

бошад[26]. Ҳамзамон, мудохилаи суратгиранда бояд ҷавобгӯи талаботи мубрами ҷамъиятӣ бошад ва мутаносиби ҳадафи қонунии пайгиришаванда бошад[27]. Мафҳуми «талаботи мубрами ҷамъиятӣ» бояд ба таври маҳдуд тафсир шавад ва ин маънои онро дорад, ки маҳдудият бояд на танҳо муфид ва дилхоҳ, балки зарур низ бошад[28]. Барои мувофиқ будани мудохила, бояд робитаи самарабахш байни ҳадафи сиёсати давлатӣ ва воситаҳои ноилшавӣ ба он вуҷуд дошта бошад. Илова бар ин, мувозинати дурусти байни манфиати хусусияти умумидошта ва талабот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахси муайянро бояд риоя намуд; асосноккунии маҳдудият бояд муҳим ва кофӣ бошад ва истифодаи воситаҳо бояд ба қадри имкон мудохилаи камтаринро дарбар гиранд[29].

**10.** Иҷозатдиҳӣ аз ҷониби давлат набояд шарти истифодаи ҳуқуқ ба озодии дин ё эътиқод бошад. Озодии дин ё эътиқод, ки алоҳида ё якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ амалӣ мешавад, наметавонад мавриди бақайдгирии пешакӣ ё дигар тартиботи ба он монанд қарор гирад, зеро ки он ба шахсон ва ҷомеаҳо ҳамчун соҳибони ҳуқуқ тааллуқ дорад ва аз гирифтани иҷозатномаи расмӣ вобаста нест[30]. Чуноне, ки дар поён муфассалтар нишон дода мешавад ин маънои онро низ дорад, ки дар соҳаи мазкур манъи ҳуқуқӣ ва иҷозатдиҳии намудҳои ба қайд гирифтанашудаи фаъолият бо меъёрҳои байналмилалӣ мухолиф мебошад.

---

[26] Дар ҳамон ҷо.

[27] САҲИ, 25 ноябри соли 1996, Wingrove v. the United Kingdom [«Уингроу муқобили Шоҳигарии Муттаҳида»], Аризаи №17419/90, банди 53.

[28] САҲИ, 14 июни соли 2007, Svyato-Mykhaylivska Parafiya v. Ukraine [«Қавми Свято-Михайловский муқобили Украина»], Аризаи №77703/01, банди 116; САҲИ, 17 феврали соли 2004, Gorzelik and Others v. Poland [«Гожелик ва дигарон муқобили Лаҳистон»], Аризаи № 44158/98, бандҳои 94-95.

[29] ШИИ СММ-ЭКОСОС ООН, Принсипҳои Сиракузии, бахши A, бандҳои 10-14; Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи озодии виҷдон ва дин ва оид ба қонунҳо дар бораи вориднамоии тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба муносибатҳои Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ»], CDL-AD(2011)028, банди 36. Инчунин нигаред ба Interim joint opinion on the law on making amendments and supplements to the law on freedom of conscience and religious organisations and on the laws on amending the criminal code; the administrative offences code and the law on charity of the Republic of Armenia by the Venice Commission and OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки пешакии Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ ва оид ба қонунҳо дар бораи вориднамоии тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи эҳсонкорӣ»] CDL-AD(2010)054, банди 35.

[30] САҲИ, 13 декабри соли 2001, Metropolitan Church of Bessarabia v. Moldova [“[«Калисои митрополии Бессарабия муқобили Молдова],»], 45701/99, бандҳои 128-130; Маърӯзаи Маърӯзачии махсус оид ба масъалаи озодии дин ва эътиқод Хайнер Билефелдт, UN Doc.A/HRC/19/60, бандҳои 25 ва 41.

**Қисми II. Озодии пайравӣ ба дин ё эътиқод дар якҷоягӣ бо дигарон**

**11.** Чи тавре, ки дар боло зикр гардид, одамон ҳуқуқ доранд дин ва ё эътиқодро мустақилона ва ё якҷоя бо дигарон пайравӣ намоянд. Дар санади мазкур шахсони дар амал татбиқкунандаи озодии худ ҷиҳати пайравинамоии дин ва ё эътиқод дар танҳоӣ ва ё дар якҷоягӣ бо дигарон, «***ҷамоаҳои*** динӣ ё ***ҷамоаҳои*** пайравикунандаи эътиқодҳои муайян» ном доранд. Ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои пайравикунандаи эътиқодҳои муайян ва дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии кишвари худ, «***ташкилотҳои*** динӣ ё ***ташкилотҳои*** пайравикунандаи эътиқодҳои муайян» ном доранд.

**12.** Ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон шаклҳои сершумори пайравӣ ва зоҳирнамоии дин ё этиқоди ҷамоаҳоро ҳимоя менамояд. Озодии ибодати динӣ ё пайравӣ намудан ба эътиқодҳои муайян озодии парастиш, таълим, адо ва риояи пайравӣ намудан ба дин ё эътиқодро дар бар мегирад. Ҳамзамон, шаклҳои мазкури эътиқод метавонанд ба таври назаррас бо ҳамдигар шабоҳат дошта бошанд.

**13.** ***Озодии ибодат,*** аз ҷумла озодии муттаҳидшавиро дар робита бо дин ё эътиқоди худ[31] ва озодии ҷамоаҳоро ҷиҳати адои расму маросимҳои динӣ бо изҳори бевоситаи дин ва ё эътиқоди худ[32], инчунин риоя намудани амалияи гуногуни аз озодиҳои мазкур ҷудонопазир, аз ҷумла сохтан ва нигаҳдории ҷойҳои ба таври озод дастраси ибодаткунӣ[33], истифодаи формулаҳои маросимӣ ва ашёҳо, инчунин намоишдиҳии рамзҳоро[34] дар бар мегирад.

**14.** ***Озодии риоя ва адо намудани маросимҳои динӣ,*** ғайр аз гузаронидани маросимҳо, пайравии чунин анъанаҳо, мисли риояи ҳидоятҳо нисбати парҳезкорӣ[35], пӯшидани либос ё кулоҳҳои фарқкунанда[36], иштирок дар маросимҳои марбут ба марҳилаҳои муайяни ҳаёт[37] ва истифодаи забони муайяне, ки дар байни шахсони пайравикунандаи дини мазкур қабул шудааст[38]; таъсисдиҳӣ ва нигаҳдории

[31] Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, 25 ноябри соли 1981,A/RES/36/55, банди 6 (a).

[32] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, банди 4.

[33] Вена, 1989, банди.16.4; Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, банди 6 (a).

[34] Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод, банди 6 (h).

[35] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, банди 4.

[36] Дар ҳамон ҷо.

[37] Дар ҳамон ҷо.

[38] Дар ҳамон ҷо.

муассисаҳои дахлдори эҳсонкорӣ ва башардӯстона, инчунин риоя намудани идҳо ва рӯзҳои истироҳатро[39] пешбинӣ менамояд.

**15.** ***Озодии адои маросимҳои динӣ ва таълими динӣ ё эътиқодҳо***, ғайр аз чунин ҷанбаҳои ҷудонопазири фаъолияти асосии гурӯҳҳои динӣ ба мисли ҳуқуқи ташкилёбӣ мувофиқи сохтори мартабавӣ (иерархӣ) ва муассисавии (институтсионалии) худ[40], инчунин ҳуқуқи тибқи меъёрҳо ва талаботи дахлдори худ, аз ҷумла дилхоҳ мувофиқаи озодона басташудаи байни гурӯҳҳои динӣ ва давлат интихоб, таъин ё иваз намудани кормандон[41]; озодии ташкили семинарияҳо ва мактабҳои динӣ (мадрасаҳо)[42]; озодии таълими руҳониён дар муассисаҳои дахлдор[43]; ҳуқуқи дар ҳаҷми зарурӣ истеҳсол намудан, харидан ва истифода бурдани ашёҳо ва маводҳои зарурии марбут ба маросимҳо ё анъанаҳои динӣ ё эътиқоди мушаххас[44]; ҳуқуқи ҷамоаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои динӣ ба истеҳсол, содирот ва паҳн намудани нашрияҳо ва маводҳои динӣ[45]; ҳуқуқи ҳар шахс ба таълимдиҳӣ ва гирифтани таълими динӣ бо забони интихобкардаи худ (алоҳида ё якҷоя бо дигарон дар ҷойҳои барои ҳадафҳои мазкур муносиб)[46], аз ҷумла озодии падару модар барои таъминоти таълиму тарбияи диниву ахлоқии фарзандони худ тибқи муносибати шахсии (эътиқоди динии) худ ба дин[47]; ҳуқуқи дархост намудан ва гирифтани хайрияҳои молиявӣ ва дигар хайрияҳои ихтиёрӣ аз шахсони воқеӣ ва муассисаҳо[48]; инчунин озодии барқарор намудан ва густариши робитаҳо бо шахсони алоҳида ва ҷамоаҳо оид ба масоили дин ва эътиқод

---

[39] Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, банди 6 (b) ва 6 (h).

[40] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии №22, банди 4.

[41] Вена, соли 1989, банди.16.4; Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, банди 6 (g); Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б. 4.

[42] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, б. 4.

[43] Вена, 1989, б. 16.8.

[44] Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, банди 6 (c).

[45] Вена 1989,б.16.10; Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, бандҳои 6 (c) ва (d).

[46] Вена, 1989, б. 16.6.

[47] Вена, 1989, б. 16.7.

[48] Вена, 1989, б.16.4; Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, банди 6 (f); Opinion on the Draft Law on the insertion of amendments on Freedom of Conscience and Religious Organisations in Ukraine [Хулоса дар бораи лоиҳаи Қонуни Украина оид ба вориднамоииворид намудани тағйирот ба Қонуни Украина «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ»], CDL-AD(2006)030, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 68-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 13-14 октябри соли 2006), банди 34.

дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ[49], аз ҷумла тавассути сафарҳо, зиёратҳо ва иштирок дар ҷамъомадҳо ва дигар чорабиниҳои диниро дар бар мегирад[50].

**16.** Чуноне, ки дар боло зикр гардид озодии пайравӣ намудани дин ва ё эътиқод якҷоя бо дигарон ба одамон ҳамчун соҳибони ҳуқуқ тааллуқ дорад ва наметавонад мавриди ягон маҳдудиятҳои пешакӣ тавассути истифодаи тартиботи ҳатмии бақайдгирӣ ва ё тартиботи ба он монанд қарор гирад[51]. Ҳамин тариқ, тамоми маҳдудиятҳои шаклҳои гуногуни зоҳиран дар ин ҷо тасвиршудаи озодии дин ё эътиқод бояд ҷавобгӯи меъёрҳои қатъии дар қисми I зикрёфта бошанд.

---

[49] Ассамблеяи Генералии СММ, Эъломияи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ва ё эътиқод, банди 6 (i).

[50] Вена, 1989, б. 32.

[51] САҲИ, 12 майи соли 2009, Masaev v. Moldova [“Масаев муқобили Молдова”], Аризаи №6303/05, банди 26; Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва дин ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба муносибатҳои Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ»], CDL-AD(2011)028, банди 69; Joint Opinion on Freedom of Conscience and Religious Organizations in the Republic of Kyrgyzstan by the Venice Commission and OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва Шӯрои машваратии САҲА/ДИДҲИ оид ба масъалаҳои озодии дин ва ё эътиқод ва дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон] CDL-AD(2008)032, банди. 89.

**Қисми III. Ташкилотҳои динӣ ё ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда**

**17.** Чуноне, ки дар қисми II нишон дода шудааст, ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда новобаста аз мақоми шахси ҳуқуқӣ доштани онҳо ҳимояро таъмин менамояд. Ҳамзамон, ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда барои фаъолият кардан дар доираи ҳуқуқӣ таъсис додани ташкилотҳои диниро метавонанд дошта бошанд. Барои ҳадафҳои санади мазкур бо истилоҳи «ташкилотҳои динӣ ё ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда» ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунандае фаҳмида мешаванд, ки дар низоми ҳуқуқии кишвари худ соҳиби мақоми шахси ҳуқуқии мустақил эътироф гардидаанд. Дар қонунгузории миллӣ ба даст овардани мақоми шахси ҳуқуқӣ метавонад ба таври гуногун номгузори шавад ва низомҳои ҳуқуқии миллӣ метавонанд барои ба ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда фароҳам овардани имконияти баромад кардан ба сифати шахси ҳуқуқӣ дар доираи низоми ҳуқуқии миллӣ усулҳои гуногуни ҳуқуқиро истифода баранд. Сарфи назар аз он, ки бо кадом усули ҳуқуқӣ иҷрои уҳдадории таъмини дастрасии ихтиёрӣ ба мақоми шахси ҳуқуқӣ барои ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда иҷро мешавад, давлатҳо уҳдадоранд, ки мутобиқати заминаи ҳуқуқии миллии танзимкунандаи раванди мазкурро ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки давлатҳои мазкур дар онҳо иштирок мекунанд, аз ҷумла дигар уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки онҳо ба зимма гирифтанд, таъмин кунанд. Давлатҳо инчунин бояд таъмин намоянд, ки дастрасии ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда ба мақоми шахси ҳуқуқӣ аз дастрасӣ ба он барои дигар намудҳои гурӯҳҳо ва ҷамоаҳо мушкилтар набошад. Дар қисми мазкур шарҳи муфассали доираҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пешниҳод шудааст, инчунин мисолҳои мусбии таҷрибаи давлатҳои мушаххас оварда шудаанд.

Дар **Иёлоти Муттаҳида** ҳар шахс ё «иттиҳодияи шахсоне, ки бо мақсади муайян муттаҳид шуда, барои пеш бурдани корҳо тибқи унвони муайян иҷозат гирифтааст», ҳуқуқ дорад ба ҳайси «шахс» назди қонун баромад кунад (Ширкати Pembina Consol. Silver Mining & Milling Co. муқобили Иттифоқи Пенсилвания), 125 U.S. 181, 189, 8 S. Ct. 737, 741, 31 L. Ed. 650 (1888)). Бинобар ин шахси алоҳидаи воқеӣ, ташкилот ё корхонаи тиҷоратӣ метавонад ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эътироф гардад. Ҳамин тариқ, ҷамоаҳои динӣ метавонанд корхонаҳои тиҷоратӣ (мисол, корпоратсияҳо, корхонаҳои алоҳидаи хусусӣ, ширкатҳои умумӣ, ширкатҳои дорои масъулияташон маҳдуд ва ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд) ё ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (одатан дар шакли корпоратсияҳо таъсисшаванда) бо мақсади эътироф намудани онҳо ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд. Фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо қонунҳои иёлоте танзим мешавад, ки онҳо дар он ҷо ташкил шудаанд. Аксарияти гурӯҳҳои динӣ дар Иёлоти Муттаҳида ҳамчун корпоратсияҳои ғайритиҷоратӣ мутобиқи қонунҳои истифодашавандаи иёлот ва Кодекси андози

Иёлоти Муттаҳида (мисол, 26 U.S.C. [Маҷмӯи қонунҳои ИМА], § 501(c)) барои гирифтани имтиёзҳои андозӣ ва низоми мусоидаткунанда ташкил шудаанд.

Дар **Эстония** мақоми шахси ҳуқуқии ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда дар сатҳи зерконститутсионӣ бо Қонун «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» ва Қонун «Дар бораи калисоҳо ва ҷамоаҳо» танзим мешавад. Мутобиқи санади охирин, иттиҳодияи динӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ мебошанд. Чунин иттиҳодия ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад. Қонун дар бораи калисоҳо ва ҷамоаҳо панҷ намуди ташкилотҳои диниро пешбинӣ менамояд: (1) калисоҳо; (2) ҷамоаҳо; (3) иттиҳодияи ҷамоаҳо; (4) дайрҳо (монастыри); (5) ҷамоаҳои динӣ. Ҷамоа (ё иттиҳодияи ҷамоаҳо) метавонад иттиҳодияи шахсони воқеии пайравикунандаи дини масеҳӣ ё умуман дигар дин (ё эътиқод) бошад. Чунин қоидаҳо ба дайрҳо низ тааллуқ доранд. Ягон маҳдудиятҳои ҷиддии марбут ба имконияти аз ҷониби ҷамоаҳои динӣ интихоб намудани шакли ҳуқуқии барои онҳо муносиб вуҷуд надоранд.

Дар **Испания** ҷамоаҳои динӣ метавонанд барои худ яке аз се шаклҳои ба якдигар вобастаи шахси ҳуқуқиро интихоб намоянд:

а) Иттиҳодияҳои динӣ (confesiones religiosas) – шакли асосии шахси ҳуқуқӣ барои ҷамоаҳо, калисоҳо ва гурӯҳҳои динӣ;

б) Субъектҳои динӣ (entidades religiosas), - шакли шахси ҳуқуқӣ барои қаламрави ҷудогонаи вобаста аз мансубият ё қисмҳои сохтории «иттиҳодияҳои динии эътирофгардида» (confesiones religiosas), ки мақоми шахси ҳуқуқиро доро мебошанд. Бо мақсади соддагардонии масъалаҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории Испания метавонад чунин субъектҳоро ба монанди семинария, епархия, ҷамоаи маҳаллӣ ё калисо, воҳиди ҳудудии иттиҳодияи диниро (confesión religiosa) ба сифати «субъектҳои динӣ» (entidad religiosa), баррасӣ намояд;

в) Федератсияҳои динӣ (federaciones religiosas) аз гурӯҳҳои «иттиҳодияҳои динӣ» (confesiones religiosas) иборат буда, баъзе хусусиятҳои умумиро доранд (мисол, таълимотҳо (догматы), пайдоиши таърихӣ ва ғ.). Инчунин шакле мавҷуд аст, ки «федератсияи субъектҳои динӣ» (federación de entidades religiosas) ном дорад.

Ғайр аз ин, ҳар як гурӯҳи динӣ ё гурӯҳи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда метавонад ҳамчун иттиҳодияи оддӣ (маъмулӣ) дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳо сабт шавад.

**18.** Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти мустақилонаи ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда барои таъмини гуногунандешӣ (плюрализм) дар ҷомеаи демократӣ зарур аст ва ба ҳамон ҳифзе асос меёбад, ки барои озодии дин ва ё эътиқод пешниҳод мегардад[52]. Ин на танҳо мустақиман ба ташаккули ҷамоаҳои

[52] САҲИ, 26 октябри соли 2000, Hasan and Chaush v Bulgaria [Ҳасан ва Чауш муқобили Булғористон], Аризаи №30985/96, банди 62; КАвҲИ, 9 июли соли 2013, Sindicatul "Păstorul Cel Bun" v. Romania [Иттиҳоди «Кашиши хайр» муқобили Румыния], Аризаи №. 2330/09 банди 136; КАвҲИ, 13 декабри соли 2001,

мазкур, балки ба истифодаи самарабахши ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ аз ҷониби тамоми аъзоёни фаъоли онҳо дахл дорад. Агар ҳаёти (фаъолияти) ташкилотии ҷамоа бо озодии дин ва ё эътиқод ҳифз нашавад, ҳамаи ҷанбаҳои боқимондаи озодии инфиродии эътиқоди динии ҳар як инсон осебпазир мегарданд[53]. Имконияти ташкил намудани субъектҳои ҳуқуқӣ барои дастаҷамъона амал кардан дар соҳаи манфиатҳои мутақобила яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини ҳуқуқ ба озодии муттаҳидшавӣ мебошад, ки бидуни он ҳуқуқи мазкур ҳама гуна маъноро гум мекард. Дар робита ба ташкили ҷамоаи динӣ бошад, рад кардани ба он додани мақоми шахси ҳуқуқӣ ҳамчун мудохила ба амалисозии ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ мутобиқи моддаи 9 КАвҲИ эътироф гардида буд (ҳам аз ҷониби худи ҷамоа ва ҳам аз ҷониби аъзои алоҳидаи он)[54]. Дар ин робита давлатҳои иштирокчии САҲА ваъда доданд, то "бо дархости онҳо ба иттиҳоди эътиқодмандоне, ки ба дини худ дар чаҳорчӯбаи конститутсияи кишвар пайравӣ мекунанд ва ё омодаанд, пайравӣ кунанд, мақоми дар ҳамон кишвар барояшон пешбинишударо эътироф намоянд"[55].

**19.** Мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷониби давлат рад кардани дархост барои додани мақоми субъекти ҳуқуқӣ ба иттиҳодияи шаҳрвандон дар асоси дин ва ё эътиқод маънои дахолат намудан ба амалигардонии ҳуқуқ ба озодии дин ва ё эътиқод аз лиҳози ҳуқуқ ба озодии муттаҳидшавиро дорад[56]. Муайян

---

Metropolitan Church of Bessarabia v. Moldova [Митрополияи Бессарабия муқобили Молдова], Аризаи №45701/99, банди 118, КАвҲИ, 22 январи соли 2009, Парвандаи Holy Synod of the Bulgarian Orthodox Church (Metropolitan Inokentiy) and others v. Bulgaria [Синоди муқаддаси Калисои православии Булғористон (митрополит Иннокентий) ва дигарон муқобили Булғористон], Аризаҳои №№ 412/03 ва 35677/04, банди 103.

[53] САҲИ, 26 октябри соли 2000, Hasan and Chaush v Bulgaria [Ҳасан ва Чауш муқобили Булғористон], Аризаи №30985/96, банди 62.

[54] САҲИ, 1 октябри соли 2009, Kimlya and others v. Russia [Кимля ва дигарон муқобили Россия], Аризаҳои №№76836/01 ва 32782/03, банди 84.

[55] Вена, 1989, б. 16.3.

[56] САҲИ, 1 окябри соли 2009, Kimlya and Others v. Russia [Кимля ва дигарон муқобили Россия], Аризаҳои №№76836/01 ва 32782/03, банди 84; САҲИ, 10 июни соли 2010, Jehova's Witnesses of Moscow and others v. Russia [«Шоҳидони Яҳво» дар Маскав ва дигарон муқобили Россия], Аризаи № 302/02, банди.101; САҲИ, 17 феврали соли 2004, Gorzelik and Others v. Poland [Гожелик ва дигарон муқобили Лаҳистон], Аризаи № 44158/98, банди 52; САҲИ, 1 июли соли 1998, Sidiropoulos and Others v. Greece [Сидиропулос ва дигарон муқобили Юнон], Аризаи № 26695/95, банди 31; Opinion on Legal Status of Religious Communities in Turkey and the Right of the orthodox Patriarchate of Istanbul to use the adjective "Ecumenical" [Хулоса дар бораи мақоми ҳуқуқии ҷамоаҳои динӣ дар Туркия ва дар бораи ҳуқуқи Патриархати православии Истамбул ба истифодаи сифати "экуменӣ"], CDL-AD(2010)005, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 82-юмин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст (Венетсия, 12-13 марти соли 2010), бандҳои 6 ва 9; Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ ДИДҲИ доир ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва дин ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба муносибатҳои Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ], CDL-AD(2011)028,

карда шуд, ки аз ҷониби мақомот рад кардани бақайдгирии гурӯҳи муайян ё аз мақоми субъекти ҳуқуқӣ маҳрум кардани он бевосита ҳам ба худи гурӯҳ ва ҳам ба роҳбарон, муассисон ё ҳар як аъзои алоҳидаи он таъсир мерасонад[57]. Ҳамин тариқ, эътироф карда шуд, ки рад намудан дар эътирофи мақоми субъекти ҳуқуқии ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда ин маънои мудохила намудан ба ҳуқуқ ба озодии дин ва ё эътиқод[58] дар доираи амалигардонии он ҳам аз ҷониби худи ҷамоа, ва ҳам аъзои алоҳидаи онро[59] дорад.

**20.** Ҳуқуқ ба дарёфти мақоми шахси ҳуқуқӣ барои амалисозии пурраи ҳуқуқ ба озодии дин ва ё эътиқод бениҳоят муҳим аст. Дар ҳолати набудани дастрасӣ ба мақоми субъекти ҳуқуқӣ як қатор ҷанбаҳои асосии ҳаёти муташаккилонаи ҷамоа дар соҳаи мазкур ғайриимкон ё амалишавии он мушкил мегардад. Ба ин ҷанбаҳо истифодаи суратҳисобҳои бонкӣ ва таъмин намудани ҳифзи судии ҷамоа, аъзо ва амволи он[60];

---

банди 64; САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсианӣ, Тавсияҳо оид ба таҳлили қонунгузорӣ дар бораи дин ва ё эътиқод, соли 2004 (минбаъд – «Тавсияҳои соли 2004»), б. 8.

[57] САҲИ, 10 июни соли 2010, Парвандаи Jehova's Witnesses of Moscow and others v. Russia [«Шоҳидони Яҳво» дар Москва ва дигарон муқобили Россия], Аризаи №302/02, банди. 101; САҲИ, 15 январи соли 2009, Association of Citizens Radko and Paunkovski v. the former Yugoslav Republic of Macedonia [Ассотсиатсияи шаҳрвандон «Радко» ва Паунковский муқобили собиқ Ҷумҳурии Югославии Македония], Аризаи № 74651/01, банди 53; САҲИ, 19 январи соли 2006, The United Macedonian Organisation Ilinden and Others v. Bulgaria [Ташкилоти муттаҳидаи македонии «Илинден» ва дигарон муқобили Булғористон], Аризаи №59491/00, банди 53; САҲИ, 3 феврали соли 2005, Partidul Comunistilor (Nepeceristi) and Ungureanu v. Romania [Гурӯҳи коммунистӣ ва Унгериану муқобили Руминия], Аризаи № 46626/99, para.27; САҲИ, 31 августи соли 1999, APEH Üldözötteinek Szövetsége and Others v. Hungary (Dec.) [АПЕХ Илдезеттейнек Светшеге ва дигарон муқобили Маҷористон], Аризаи №32367/96.

[58] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон 21 октябри соли 2005, Sister Immaculate Joseph and 80 Teaching Sisters of the Holy Cross of the Third Order of Saint Francis in Menzingen of Sri Lanka v. Sri Lanka [Хоҳари порсои тақводори Ҷозеф ва 80 хоҳарони роҳнамои рисолатии "Салиби муқаддаси Ордени сеюми Франсиски муқаддас дар Ментсинген" дар Шри-Ланка муқобили Шри-Ланка], муроҷиати 1249/2004, банди 7.2.

[59] САҲИ, 10 июни соли 2010, Jehova's Witnesses of Moscow and others v. Russia [«Шоҳидони Яҳво» дар Москва ва дигарон муқобили Россия], Аризаи №302/02, банди 101; САҲИ, 31 июли соли 2008, Religionsgemeinschaft der Zeugen Jehovas and Others v. Austria [Ҷамоаи динии «Шоҳидони Яҳво» ва дигарон муқобили Австрия], Аризаи № 40825/98 бандҳои 79-80, ва САҲИ, 13 декабри соли 2001, Metropolitan Church of Bessarabia v. Moldova [Митрополияи Бессарабӣ муқобили Молдова], Аризаи № 45701/99, банди 105.

[60] САҲИ, 10 июни соли 2010, Jehova's Witnesses of Moscow and others v. Russia [«Шоҳидони Яҳво» дар Москва ва дигарон муқобили Россия], Аризаи №302/02, банди 102; САҲИ, Kimlya and others v. Russia [Кимля ва дигарон муқобили Россия], Аризаҳои №.76836/01 ва 32782/03, банди 85; САҲИ, 31 июли соли 2008, Religionsgemeinschaft der Zeugen Jehovas and Others v. Austria [Ҷамоаи динии «Шоҳидони Яҳво» ва дигарон муқобили Австрия], Аризаи № 40825/98, банди 66; САҲИ, 13 декабри соли 2001, Metropolitan Church of Bessarabia v. Moldova [Митрополияи Бессарабӣ муқобили Молдова], Аризаи № 45701/99, банди 118; САҲИ, 3 апрели соли 2008, Koretskyy and Others v. Ukraine [Коретский ва дигарон муқобили Украина], Аризаи № 40269/02, банди 40 ва САҲИ, 16 декабри соли 1997, Canea Catholic Church v. Greece [Калисои католикии Канеа муқобили Юнон], бандҳои 30 ва 40-41; Opinion on the Draft Law regarding the Religious Freedom and the General Regime of Religions in Romania adopted by the Venice Commission at its 64th plenary session [Хулоса доир ба лоиҳаи Қонун дар бораи озодии дин ва қоидаҳои умумии динҳо дар Руминия, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 64-умин Иҷлосияи пленарӣ қабул шудааст] (Венетсия, 21-22 октябри

нигоҳдории муттасилияти (давомнокии) моликият ба иншоотҳои динӣ; сохтмони иншоотҳои нави динӣ; таъсис ва таъмини фаъолияти мактабҳои конфессиалӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии динӣ; таъмини истеҳсоли калонмиқёси ашёҳо ва маводҳои дар расму маросимҳои динӣ истифодашаванда; ба кор қабул кардани кормандон; таъсисдиҳӣ ва идоракунии кори воситаҳои ахбори омма дохил мешаванд[61].

Дар **Нидерландия** мутобиқи қонунгузории граждани (хусусан, ҳуқуқи молумулкӣ) шахсони ҳуқуқӣ бо шахсони воқеӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар мебошанд – тибқи моддаи 2:5 Кодекси граждании, ки чунин пешбинӣ мекунад, "дар робита бо ҳуқуқи моликият шахси ҳуқуқӣ ба шахси воқеӣ баробар аст, агар қонун тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад". Ҳамин тариқ, мазҳабҳои диние, ки метавонанд ба осонӣ мақоми шахси ҳуқуқиро гиранд (ба ҳайси иттиҳодия, фонд ё ташкилоти калисогии намуди махсус (sui generis)), имконият доранд, амалҳои ҳуқуқиро иҷро намоянд, аз ҷумла ба суд муроҷиат кунанд, шартномаҳо банданд ва барои истифодаи замин ариза диҳанд. Дар робита ба ин тақсимоти шахсони ҳуқуқӣ ба ягон намуди гурӯҳҳо (категорияҳо) вуҷуд надорад; ҳамаи мазҳабҳои динӣ ҳамчун яке аз се намудҳои зикргардидаи шахси ҳуқуқӣ ташкилшуда ба иҷро намудани чунин амалҳо ҳуқуқ доранд.

**21.** Ҳамин тариқ, чуноне, ки дар қисми I-и Тавсияҳои мазкур зикр гардидааст, ҳар як ҷавоби рад ба дархост барои дарёфти мақоми шахси ҳуқуқӣ ба ҷамоаи динӣ ё ҷамоаи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда бояд мутобиқи шартҳои қатъӣ асоснок карда шавад. Ҳамчунин, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда агар хоҳиши гирифтани мақоми шахси ҳуқуқиро надошта бошанд, набояд барои гирифтани он вазифадор гарданд[62]. Худ ба худ интихоби муроҷиат намудан барои бақайдгирии давлатӣ метавонад бо эътиқоди динӣ вобаста бошад, ва амалисозии ҳуқуқ ба озодии дин ё эътиқод набояд аз он вобаста бошад, ки оё ин ё он гурӯҳ кӯшиш мекунад мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо кунад ва оё он ҳамин мақомро гирифтааст[63]. Давлатҳо як қатор

соли 2005), CDL-AD(2005)037-e, банди 23; Opinion on the legal status of Religious Communities in Turkey and the right of the Orthodox Patriarchate of Istanbul to use the adjective "Ecumenical" [Хулоса дар бораи мақоми ҳуқуқии ҷамоаҳои динӣ дар Туркия ва дар бораи ҳуқуқи Патриархати православии Истамбул ба истифодаи сифати "экуменӣ»], CDL-AD(2010)005, банди. 68.

[61] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 46.

[62] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б.70: «Дар асоси дарки умуми ҳуқуқи инсон давлатҳо уҳдадоранд амалигардонии озодии ақида, виҷдон, дин ва ё эътиқодро аз ҷониби ҳамаи одамон дар асоси эҳтироми худогоҳии онҳо дар ин соҳа таъмин намоянд. Эҳтироми озодии дин ва ё эътиқод ба сифати ҳуқуқи инсон аз расмиёти маъмурии байқадгирӣ вобастагӣ надорад, чун он мақоми ҳуқуқи инсонро то гирифтани розигии давлат ва новобаста аз он пайдо кардааст».

[63] Joint Opinion on Freedom of Conscience and Religious Organizations in the Republic of Kyrgyzstan by the Venice Commission and OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва Шӯрои коршиносони САҲА/ДИДҲИ оид ба масъалаҳои озодии дин ва ё эътиқод вобаста ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон], CDL-AD(2008)032, банди 26.

тадбирҳои амалии бар зидди ҷамоаҳои динӣ равонашударо истифода мебаранд, ба мисли назорат аз ҷониби полис, таъқиб ва чораҳои маҳдудкунанда (аз қабили бастани ҷойҳои ибодат, мусодираи амвол, ҷаримамоии муҷозоти молиявӣ, ба ҳабс гирифтан[64], манъи дастрасӣ ба хизматрасонии рӯҳониён, маҳдудкунии паҳннамоии адабиёти динӣ ё ҳуқуқ ба соҳибӣ намудан ба он ё маҳдудкунии озодии таблиғ намудани дин ё эътиқоди худ ба шахсони дигар). Ин ва ба ин монанд тадбирҳо хилофи меъёрҳои байналмилалӣ мебошанд, агар онҳо танҳо барои он истифода бурда мешаванд, ки ҷамоаи динӣ ё ҷамоаи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда барои гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ муроҷиат намекунад (ё чунин мақомро намегирад).

Дар **Италия**, мутобиқи моддаҳои 36-38 Кодекси гражданӣ ҷамоаҳои динӣ имконияти ба сифати «иттиҳодияҳои эътирофнашуда» (associazione non riconosciuta) баромад карданро доранд. Ин намунаи оддитарин мебошад, ки онро ҳизбҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба низ истифода мебаранд. Сарфи назар аз он, ки ҷамоа ҳамин тариқ мақоми шахси ҳуқуқиро намегирад, ҷамоаи динӣ қобилияти ҳуқуқиро (аз ҷумла мустақилият дар масъалаҳои молу мулкӣ, инчунин ҳуқуқ ба гирифтани хайрияҳои ихтиёрӣ ва муроҷиат ба суд) дар шароитҳои озодии пурра, бе зарурати ба ягон мақомоти давлатӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё оинномаи худ пайдо мекунад. Шартҳои ташкилкунии иттиҳодияи эътирофнагардида басо соддаанд: танҳо будани на кам аз се аъзо, оиннома ва шаҳодатномаи нотариалӣ зарур аст.

Дар **Эстония** қонун фаъолияти иттиҳодияҳои динии ба қайд нагирифташударо манъ намекунад. Ҳамзамон камбудии асосӣ барои сохтори аз қайд нагузашта аз он иборат аст, ки он ҳуқуқи ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карданро надорад, ва аз ин лиҳоз наметавонад аз ҳуқуқҳо ва ҳимояе, ки ба шахсони ҳуқуқии динӣ дода мешавад, бархурдор шавад. Бо вуҷуди он, ба чунин иттиҳодияи динӣ ҳуқуқи тибқи конститутсия ҳифзшудаи озодии дастаҷамъонаи динӣ (ҳамчун гурӯҳи динӣ) паҳн мегардад. Нисбати ҷамоаҳои динии ба қайд нагирифташуда ягон маҳдудият ба гузаронидани ҷамъомадҳои динӣ ё маросимҳо дар хонаи хусусӣ ё дар иморати ба иҷора гирифташуда вуҷуд надорад. Қонун танҳо дар он маврид ба озодии дастаҷамъонаи дин ва ё эътиқод маҳдудиятҳоро пешбинӣ менамояд, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ, саломатии одамон ё ахлоқи ҷамъиятӣ зарар расонида шавад ё агар ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар поймол карда шавад.

Дар **Олмон** ҷамоаҳои динии ба сифати иттиҳодияҳо ё ягон шакли дигари шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифтанашуда дар қатори шахсони дигари ҳуқуқӣ, мақоми иттиҳодияҳои ба қайд гирифтанашударо доранд (фаъолияти иттиҳодияҳои ба қайд нагирифташударо қисми 54-и Кодекси граждании Олмон танзим мекунад). Чунин иттиҳодияҳо соҳиби ҳуқуқҳое мебошанд, ки ширкатҳои ғайритиҷоратӣ доранд (Gesellschaftbürgerlichen Rechts), ва қисман дорои қобилияти ҳуқуқӣ мебошанд; дар

[64] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 58.

амалия судҳо нисбати онҳо ба таври васеъ меъёрҳои шабеҳеро татбиқ мекунанд, ки дар муқаррарот оид ба иттиҳодияҳои ба қайд гирифташуда пешбинӣ шудаанд.

Чун қоида, дар **Ирландия** гурӯҳҳои динӣ (ҷамоаҳо) ё гурӯҳҳои (ҷамоаҳои) ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда дар шакли иттиҳодияҳои ихтиёрӣ бе доштани ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ амал мекунанд. Иттиҳодияи мақоми шахси ҳуқуқӣ надошта аз худ гурӯҳи шахсони алоқамандеро мемонад, ки қоидаҳои муайян ва шумораи муайяни аъзо дорад. Қоидаҳои чунин иттиҳодия тартиби ба иттиҳодия дохил шудан ва аз он баромадан; сохторҳо ё шахсонеро, ки иттиҳодия ва фаъолияти молиявии онро назорат мекунад, ҳамчунин шартҳои назорати мазкурро муайян мекунанд (нигаред ба парвандаҳои «О'Кифи муқобили Каллен» (O'Keefe v. Cullen) (1873), IR 7 CL 319, ва «Давлати (Колхун) муқобили д'Арси ва дигарон» (The State (Colquhoun) v. D'Arcy and Others) (1936), IR 641). Умуман, амволи иттиҳодия на ба худи иттиҳодия, балки дар моликияти муштараки ҳайати аъзои он қарор дорад. Иттиҳодияи мақоми шахси ҳуқуқӣ надошта наметавонад аз номи худ ба суд муроҷиат кунад (ё ба сифати ҷавобгар баромад намояд). Нисбати чунин иттиҳодияҳо ягон хел талабот барои бақайдгирӣ вуҷуд надорад.

**22.** Роҳҳои гуногуне мавҷуданд, ки ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда имконият медиҳанд, ки дар сурати доштани чунин хоҳиш метавонанд мақоми шахси ҳуқуқиро гиранд. Дар низомҳои ҳуқуқии баъзе давлатҳо ин тавассути мурофиаи судӣ, дар дигар низомҳо тавассути пешниҳоди ариза ба ягон мақомоти давлатӣ таъмин карда мешавад. Давлатҳои гуногун метавонанд ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда шаклҳои гуногуни шахси ҳуқуқӣ, аз қабили траст, корпоратсия, иттиҳодия, фонд, инчунин намудҳои гуногуни махсуси (sui generis) шахси ҳуқуқиро, ки ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда хосанд, пешниҳод кунанд.

Дар **Иёлоти Муттаҳида** ҷамоаи динӣ барои ҳамчун корпоратсияи ғайритиҷоратӣ ба қайд гирифта шудан уҳдадор аст қарордоди таъсисӣ ва оинннома қабул намояд. Ба қарордоди таъсисӣ маълумот дар бораи сохтори ташкилот, аз ҷумла ном, нишонаи он, маълумот дар бораи мақомоти сабткунанда, инчунин маълумот дар бораи хусусияти ғайритиҷоратии он ва оид ба асосҳои имтиёзҳои андозӣ дохил карда мешавад. Оиннома қоидаҳо ва тартиби фаъолияти ташкилоти мазкурро муқаррар менамояд; баъзан дар он ба таври муфассал меъёрҳои дохилшавӣ ба Шӯрои мудирон ва муҳлати ваколат дар вазифаи узви Шӯрои мудирон; вақт ва тартиби гузаронидани маҷлисҳо, аз ҷумла тартиби таъини кормандони масъул нишон дода мешаванд. Умуман, он фаъолияти ташкилоти мазкурро ба танзим медарорад. Барои ба даст овардани мақоми корпоратсияи ғайритиҷоратӣ ҷамоаи динӣ ё ҷамоаи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда бояд ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои гирифтани чунин мақом ариза пешниҳод намояд. Ба ғайр аз ин, дар Хадамоти федералии андоз барои дар сатҳи федералӣ гирифтани мақоми аз андоз озод варақаи №1023 ё №1024-ро пур

кардан зарур аст. Дар аксари мавридҳо, баъди гирифтани чунин мақом ҷамоа ба таври автоматӣ аз пардохти андозҳои маҳаллӣ ва андозҳои иёлот озод мешавад.

Дар **собиқ Ҷумҳурии югославии Македония** Суди асосии Скопие II салоҳияти пешбурди Феҳристи ягонаи судии калисоҳо, ҷамоаҳои динӣ ва гурӯҳҳои диниро дорад. Маълумоти дар феҳрист сабтшуда ба омма дастрас мебошад. Шакл ва мазмуни варақаи аризаро барои дохил намудан ба феҳристи ягона, аз ҷумла усулҳои пешбурди онро Вазорати адлия муайян мекунад. Комиссия оид ба муносибатҳо бо ҷамоаҳои динӣ ва гурӯҳҳои динӣ мақомоти давлатие мебошад, ки муносибатҳои байни давлат ва ҷамоаҳои диниро назорат менамояд. Он феҳристи калисоҳо, ҷамоаҳои динӣ ва гурӯҳҳои динии ба қайд гирифташударо мебарад, аммо салоҳияти ба қайд гирифтани онҳоро надорад.

**23.** Новобаста аз низоме, ки барои ба танзим даровардани дастрасӣ ба гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ истифода мешавад ва истилоҳҳои мушаххас, ки метавонанд барои ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ифода намудани ҷамоаҳои динӣ ва ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда истифода шаванд, қонунгузории миллии соҳаи мазкур бояд ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва ӯҳдадориҳои САҲА мутобиқат кунанд[65]. Ин, аз ҷумла маънои онро дорад, ки ташкилотҳои динӣ ва ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда бояд имконият дошта бошанд, ки фаъолияти динӣ ва фаъолияти маъмулии шахсони ҳуқуқии ғайридавлатии ба қайд гирифташударо пурра амалӣ намоянд[66].

**24.** Бо дарназардошти он, ки аксарияти амалҳои ҳуқуқиро танҳо субъектҳои мақоми шахси ҳуқуқидошта метавонанд ба амал бароранд, дастрасӣ ба гирифтани

---

[65] Рӯйхати қонунҳои танзимкунандаи бақайдгирии ташкилотҳои динӣ ва ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунандаро дар: Тавсияҳои соли 2004, бахши II.E (1) пайдо намоед.

[66] САҲИ, 14 июни соли 2007, Svyato-Mykhaylivska Parafiya v. Ukraine [«Қавми Свято-Михайловский муқобили Украина»], Аризаи № 77703/01, банди 123; Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 "Дар бораи ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷамоаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004 бандҳои 30-35; Joint Opinion on the Law on Making Amendments and Addenda to the Law on the Freedom of Conscience and on Religious Organizations and on the Law on Amending the Criminal Code of the Republic of Armenia by the Venice Commission, the Directorate General of Human Rights and Legal Affairs of the Council of Europe, the OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ, Директори генералии Шӯрои Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои ҳуқуқии Шӯрои Аврупо ва Шӯрои машваратии САҲА/ДИДҲИ оид ба озодии дин ва эътиқод, ки вобаста ба лоиҳаи Қонун «Оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ва қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ», кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун дар бораи муносибатҳои байни Ҷумҳурии Арманистон ва Калисои муқаддаси апостолии арманӣ қабул шудааст], CDL-AD(2009)036, аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 79-умин Иҷлосияи пленарии он қабул шудааст (Венетсия, 12-13 июни соли 2009), банди 39.

чунин мақом барои ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда бояд босуръат, шаффоф, одилона, фарогир ва аз табъиз озод бошад[67].

**25.** Расмиётҳое, ки ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда дастрасиро ба гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ таъмин менамоянд, набояд ягон талаботи мушкилро пешбинӣ намоянд[68]. Мисолҳои чунин талаботҳои мушкил, ки тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ беасосанд, аз ҷумла талаботҳои зеринро қайд намудан мумкин аст: талабот дар бораи имзо намудани ариза барои ба қайд гирифтан аз ҷониби ҳамаи аъзои ташкилоти динӣ бо нишон додани номи пурраи онҳо, санаи таваллуд ва ҷои истиқомат[69]; талабот оид ба пешниҳоди маълумоти бениҳоят муфассал дар оинномаи ташкилоти динӣ[70]; боҷи беандоза баланд ё беасоси бақайдгирӣ; талабот дар бораи суроғаи ҳуқуқии тасдиқшуда доштани ташкилоти динӣ[71]; ё дар бораи он, ки иттиҳодияи динӣ метавонад танҳо дар суроғае фаъолият кунад, ки дар ҳуҷҷатҳои бақайдгирии он нишон дода шудааст[72]. Ҷорӣ намудани чунин маҳдудиятҳо дар ҷомеаи демократӣ ҳамчун асосҳои дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон қайдгардида зарур шумурда намешавад. Ба ғайр аз ин, ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда, ки ба гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ манфиатдоранд, набояд бо мушкилоти беасоси бюрократӣ ё бо мӯҳлатҳои тӯлонӣ ва

[67] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 54; Opinion on the draft law Law on amendment and supplementation of Law no 02/L-31 on freedom of religion [Хулоса оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни № 02/L-31 «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2014)012, adopted by the Venice Commission at its 98th Plenary Session (Venice 21-22 March 2014), paras. 43ff.

[68] Interim joint opinion on the law on making amendments and supplements to the law on freedom of conscience and religious organisations and on the laws on amending the criminal code; the administrative offences code and the law on charity of the Republic of Armenia by the Venice Commission and OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки пешакии Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонун «Оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ, оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба эҳсонкорӣ»], CDL-AD(2010)054, банди 68; Opinion on the draft law Law on amendment and supplementation of Law no 02/L-31 on freedom of religion [Хулосаи Комиссияи Венетсианӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни № 02/L-31 «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2014)012, бандҳои 67ff.

[69] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 44.

[70]Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ, оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба муносибатҳои Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ»], CDL-AD(2011)028, банди. 66.

[71] Human Rights Committee views of 26 July 2005, Sergei Malakhovsky and Alexander Pikul v. Belarus [Сергей Малаховский ва Александр Пикул муқобили Беларус], Comm. no. 1207/2003, банди 7.6.

[72]Joint opinion on the law on freedom of religious belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR (Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, бандҳои 80-82.

пешгӯинашавандаи интизорӣ рӯ ба рӯ шаванд[73]. Дар ҳолатҳое, ки агар дар низоми ҳуқуқии мазкур барои гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳои муайяни марбут ба бақайдгирӣ талаб карда шаванд, чунин ҳуҷҷатҳоро бояд мақомоти давлатӣ пешниҳод намоянд[74].

Дар **Нидерланд**, дар баробари иттиҳодияҳо ва фондҳо, ки гирифтани мақоми онҳо барои ҳамаи намудҳои ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда кушода аст, намуди махсуси шахси ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ки онро танҳо калисоҳо дошта метавонанд. Моддаи 2:2(1) Кодекси граждании пешниҳоди мақоми шахси ҳуқуқиро ба ташкилотҳои ба ном «ҷамоаҳои калисоӣ» (Kerkgenootschappen) пешбинӣ менамояд. Кодекси граждании мафҳуми мазкурро шарҳ намедиҳад. Бинобар ин мафҳумҳоро метавон танҳо дар амсоли (претседенти) судӣ ва таълимоти ҳуқуқӣ пайдо намуд. Мутобиқи қарори Суди кассатсионӣ, ташкилотҳои диние, ки тибқи қонун барои аз ҷониби давлат расман эътироф гардидан уҳдадор нестанд, ҷамоаҳои калисоии дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ мебошанд, агар онҳо ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошанд: (i) фаъолияти ташкилоти мазкур ба дин вобаста аст; (ii) сохтори ташкилии онро мушоҳида намудан мумкин аст; (iii) ташкилот хоҳиши ҳамчун калисо муаррифӣ намудани худро изҳор менамояд. Шартҳои ақалли мазкур дар амал монеаҳои ҷиддӣ намебошанд.

**26.** Раванди гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ бояд барои ҷамоаҳои гуногун кушода бошад; дар баробари он набояд ба хориҷ намудани ягон ҷамоа дар асоси он, ки ин гурӯҳ дини ғайрианъанавӣ ё эътирофнашударо пайравӣ менамояд, ё бо сабаби тафсир ё шарҳи аз ҳад маҳдуди мафҳуми дин ё эътиқод, роҳ дода шавад.

**27.** Ба ғайр аз ин, қонунгузорӣ набояд гирифтани мақоми шахси ҳуқуқиро ба аз ҳад кам будани аъзои ҷамоаи динӣ ё ҷамоаи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда вобаста намояд. Давлатҳо бояд талаботҳои ҷамоаҳои хурдтари динӣ ё ҷамоаҳои хурдтари ба эътиқодҳои муайян пайравикунандаро ба назар гиранд[75], инчунин бояд дарк кунанд, ки муқаррарот дар бораи зарурати шумораи аз ҳад зиёди ҳадди ақали аъзоёни ҷамоа барои ҷамоаҳои динии тозабунёд мушкилоти беасосро ба вуҷуд меоранд.

Дар асоси банди 5 Қонуни **Эстония** «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» барои таъсиси ҷамоаи динӣ ду нафар аъзо кифоя аст.

Низоми ҳуқуқии **Албания** ягон талаботеро дар бораи шумораи ҳадди ақали аъзо барои ҳар се шакли шахси ҳуқуқӣ (иттиҳодия, марказ ва фонд), ки дар қонунгузории

[73] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 55.

[74] САҲИ, 17 июли соли 2012, Fusu Arcadie and others v. Moldova [«Фусу Аркади ва дигарон муқобили Молдова»], Аризаи №22218/06, бандҳои 37-38.

[75] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 44.

Албания барои ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда муқаррар шудаанд, пешбинӣ наменамояд

Қонунгузории граждании **Шветсия** танҳо талаботи вобаста ба шумораи аъзои шӯрои иттиҳодияро пешбинӣ мекунад. Одатан онҳо бояд аз се то панҷ нафар бошанд.

**28.** Қонунгузорӣ набояд дастрасӣ ба мақоми шахси ҳуқуқиро аз муҳлати тӯлонии мавҷудияти ҷамоаи мазкур дар кишвар вобаста намояд. Чунин талабот ба ҳуқуқҳои ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда, ки дар давлати мазкур нав ба вуҷуд омаданд, маҳдудиятҳои беасосро пеш мегузорад[76].

**29.** Бинобар он, ки ҳуқуқ ба озодии дин ва ё эътиқодро на танҳо шаҳрвандони кишвари мазкур доранд[77], қонунгузорӣ набояд ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда гирифтани мақоми шахси ҳуқуқиро бинобар сабаби дар миёни муассисони ҷамоа мавҷуд будани шаҳрвандони хориҷӣ[78] ё шахсони бешаҳрвандӣ, ё дар хориҷа воқеъ будани саридораи он рад кунад[79].

**30.** Аз ҷумла, гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ барои ҳама ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда набояд аз маъқулдонӣ ё тавсияи мусбии дигар ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда вобаста бошад, зеро додани мақоми шахси ҳуқуқӣ ба ҷамоаи мазкур ба салоҳияти ҷамоаҳои дигар дохил намешавад[80]. Таҷрибаи аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ талаб кадани нуқтаи назари як ё якчанд ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда оид ба масъалаҳои вобаста ба додани мақоми шахси ҳуқуқӣ ба дигар ҷамоаҳои (ташкилотҳои) динӣ бетарафӣ ва холисии мақомоти давлатӣ ва мансабдорони дахлдорро зери шубҳа мегузорад[81].

---

[76] САҲИ, 1 октябри соли 2009, Kimlya v. Russia [Кимля муқобили Русия], Аризаҳои №76836/01 ва 32782/03.

[77] Joint opinion on the law on freedom of religious belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, банди 99; Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 "Дар бораи ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва мақоми ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷамоаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, банди 93.

[78] САҲИ, 5 октябри соли 2006, Moscow Branch of the Salvation Army v. Russia [Бахши москвагии "Артиши наҷот" муқобили Русия], Аризаи №72881/01, банди 82.

[79] Ҳамон ҷо, бандҳои 83-85.

[80] САҲИ, 24 июни соли 2004, Vergos v. Greece [Вергос муқобили Юнон], Аризаи №65501/01, банди 34; Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 56.

[81] САҲИ, 26 сентябри соли 1996, Manoussakis v. Greece [Мануссакис муқобили Юнон], Аризаи №18748/91, банди 47.

**31.** Давлат ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ вобаста ба пешниҳод намудани мақоми шахси ҳуқуқӣ, бояд мустақилияти ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунандаро эҳтиром намояд[82]. Ҳангоми амалӣ намудани низоми ба танзимдарории ба даст овардани мақоми шахси ҳуқуқӣ, давлатҳо бояд уҳдадориҳои худро тавассути дар қонунгузории миллӣ ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда пешбинӣ намудани имконияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳо дар бораи роҳбарияти худ[83], қоидаҳои дохилӣ[84], мазмуни аслии эътиқодҳои худ[85], сохтори ҷамоа ва усули таъин намудани рӯҳониён[86], аз ҷумла гузоштани ном ва дигар рамзҳои худ иҷро намоянд. Аз ҷумла, давлатро зарур аст, ки аз баҳодиҳии мазмунии (дар муқоиса бо расмии) оинномa ва хусусияти ташкилотҳои динӣ худдорӣ намояд[87]. Бинобар сабаби хеле гуногун будани шаклҳои ташкилии ҷамоаҳои динӣ ё

---

[82]Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, банди 72; Opinion on the Draft Law regarding the Religious Freedom and the General Regime of Religions in Romania [Хулоса оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи озодии дин ва реҷаи умумии динҳо дар Румминия», ки аз Ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар Ҷаласаи умуми 64-ум қабул шудааст], CDL-AD(2005)037, банди 20; Opinion on the Draft Law on the insertion of amendments on Freedom of Conscience and Religious Organisations in Ukraine [Хулоса дар бораи лоиҳаи Қонуни Украина "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ"], CDL-AD(2006)030, банди 30; Тавсияҳои соли 2004, бахши Г.

[83] САҲИ, 22 январи соли 2009, Case of Holy Synod of the Bulgarian Orthodox Church (Metropolitan Inokentiy) and others v. Bulgaria [Синоди муқаддаси Калисои православии Булғористон (Митрополит Иннокентий) ва дигарон муқобили Булғористон], Аризаҳои № 412/03 ва 35677/04 бандҳои 118-121; ба САҲИ, 14 марти соли 2003 нигаред, Serif v. Greece [Сериф муқобили Юнон], Аризаи № 38178/97, бандҳои 49, 52 ва 53; САҲИ, 26 октябри соли 2000, Hasan and Chaush v Bulgaria [Хасан ва Чауш муқобили Булғористон], Аризаи №30985/96, бандҳои 62 ва 78; САҲИ, 13 декабри соли 2001, Metropolitan Church of Bessarabia v. Moldova [Митрополияи Бессарабӣ муқобили Молдова], Аризаи № 45701/99, бандҳои 118 ва 123; САҲИ, 16 December 2004, Supreme Holy Council of the Muslim Community v. Bulgaria [Шӯрои муқаддаси олии мусулмонони Булғористон муқобили Булғористон], Аризаи №39023/97, банди 96.

[84] Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, банди 76.

[85] Interim joint opinion on the law on making amendments and supplements to the law on freedom of conscience and religious organisations and on the laws on amending the criminal code; the administrative offences code and the law on charity of the Republic of Armenia by the Venice Commission and OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки пешакии Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба эҳсонкорӣ»], CDL-AD(2010)054, бандҳои 54 ва 90. Opinion on the draft law on the legal status of a church, a religious community and a religious group of "The former Yugoslav Republic of Macedonia" [Хулоса оид ба лоиҳаи Қонун "Дар бораи мақоми ҳуқуқии калисо, ҷамоаи динӣ ва гурӯҳи динии "собиқ Ҷумҳурии Югославии Македония"], CDL-AD(2007)005, аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 70-умин Иҷлосияи пленарии он қабулшуда (Венетсия, 16-17 марти соли 2007), банди 46.

[86] Маърӯзаи ММ СММ «Дар бораи эътироф», б. 56.

[87]Joint opinion on the law on freedom of religious belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, банди 80.

ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда қонунгузории миллӣ бояд дар ин соҳа хеле гиро (уҳдабаро) бошад[88].

> Конститутсияи **Лаҳистон** (моддаи 25.1) ва Қонун «Дар бораи кафолатҳои озодии дин» пешбинӣ менамоянд, ки ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои худ ташкилотҳои динӣ ҳуқуқ доранд, аз ҷумла фаъолияти зеринро иҷро намоянд: таълимот (доктрина), догматҳо ва расму оинҳои диниро муайян кунанд; маросимҳои диниро ташкил ва ба таври оммавӣ адо намоянд; бо ёрии руҳониён роҳбарии гурӯҳи диндоронро амалӣ намоянд; тибқи қоидаҳои дохилии худ худидоракуниро анҷом диҳанд (мухторияти ҳуқуқӣ); ходимони калисоро таъин намоянд, омӯзонанд, ва ба кор қабул кунанд; амволи манқул ва ғайриманқулро харидорӣ намоянд ва онро идора намоянд; ашёҳои диниро истеҳсол, харидорӣ ва истифода намоянд; воситаҳои ахбори оммаро истифода баранд; фаъолияти маърифатӣ ва эҳсонкориро анҷом диҳанд; дар сатҳи давлатӣ ташкилотҳои байникалисоиро ташкил кунанд; ба ташкилотҳои байналмилалии динӣ шомил шаванд.

**32.** Қарор дар бораи рад кардани пешниҳоди мақоми субъекти ҳуқуқӣ ё дар бораи маҳрум намудан аз он нисбати ҳар ташкилоти динӣ ё ташкилоти ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда бояд мутобиқи меъёрҳои қатъии дар қисми I зикргардида асоснок карда шавад[89]. Дар қарор дар бораи рад кардани пешниҳоди мақоми шахси ҳуқуқӣ ба ҷамоаи динӣ ё ҷамоаи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда, ё дар бораи маҳрум намудани ҷамоа аз чунин мақом бояд сабабҳои қабул кардани чунин қарор нишон дода шаванд[90]. Сабабҳои мазкур бояд мушаххас ва аниқ бошанд[91]. Ин ҳамчунин

---

[88] Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 "Дар бораи ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, конфессияҳо ва ҷамоаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, банди 39; Joint Opinion on Freedom of Conscience and Religious Organizations in the Republic of Kyrgyzstan by the Venice Commission and OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва Шӯрои машваратии САҲА/ДИДҲИ оид ба озодии дин ва эътиқод дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон], CDL-AD(2008)032, банди 33.

[89] САҲИ, 10 июни соли 2010, Case of Jehova's Witnesses of Moscow and others v. Russia «Шоҳидони Яҳво» дар Маскав ва дигарон муқобили Русия], Аризаи № 302/02, банди 102; САҲИ, 31 июли соли 2008, Religionsgemeinschaft der ZeugenJehovas and Others v. Austria [Ҷамоаи динии «Шоҳидони Яҳво» ва дигарон муқобили Австрия], Аризаи №40825/98 банди 66, САҲИ, 13 декабри соли 2001, Metropolitan Church of Bessarabia v. Moldova [Митрополияи Бессарабия муқобили Молдова], Аризаи №45701/99, банди 118; САҲИ, 3 апрели соли 2008, Koretskyy and Others v. Ukraine [Коретский ва дигарон муқобили Украина], № 40269/02, банди 40, ва Canea Catholic Church v. Greece [Калисои католикии Канеа муқобили Юнон], 16 декабри соли 1997, бандҳои 30 ва 40-41; Тавсияҳои соли 2004, банди 9.

[90] Joint opinion on the draft law on freedoms of conscience and religion and on the laws making amendments and supplements to the criminal code, the administrative offences code and the law on the relations between the Republic of Armenia and the Holy Armenian Apostolic Church of the Republic of Armenia by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва дин» ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Қонун «Оид ба

ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба шикоят мусоидат менамояд (дар поён ба банди 35 нигаред).

| |
|---|
| Дар **Эстония**, мутобиқи моддаи 14(3) Қонун «Дар бораи калисоҳо ва ҷамоаҳо», дар мавриди рад кардани ба феҳрист дохил намудани ин ё он иттиҳодияи динӣ, мақомоти бақайдгиранда (суд) бояд ба таври хаттӣ сабаби радкуниро нишон диҳад. Дар қонун рӯйхати асосҳое низ нишон дода шудааст, ки суд метавонад ба онҳо ишора намояд. <br>Мутобиқи моддаи 14(2) Қонун «Дар бораи калисоҳо ва ҷамоаҳо», иттиҳодияи динӣ бо асосҳои зерин ба феҳрист дохил карда намешавад: <br>1) оинномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари аз ҷониби иттиҳодияи динии мазкур пешниҳодшуда ба талаботи қонун ҷавобгӯ нестанд; <br>2) фаъолияти иттиҳодияи динии мазкур ба тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ, ахлоқ зарар мерасонад ё ҳуқуқу озодиҳои дигар одамонро поймол мекунад. |

**33.** Бо дарназардошти оқибатҳое, ки аз мақоми шахси ҳуқуқӣ маҳрум кардани ин ё он ҷамоаи динӣ ё ҷамоаи ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда барои мақом, маблағгузорӣ ва фаъолияти он метавонад дошта бошад, қабул намудани ҳар як чунин қарор бояд ҳамчун чораи ниҳоӣ баррасӣ шавад[92]. Чунин тадбир метавонад дар мавриди содир намудани қонуншиканиҳои ҷиддӣ ва такроршаванда, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, ва дар мавриде, ки имконияти татбиқи самарабахши дигар муҷозот вуҷуд надорад, аммо бо риояи ҳамаи шартҳои дар қисми I-и Тавсияҳои мазкур зикргардида муносиб дониста шавад. Дар акси ҳол, чун қоида принсипҳои мутаносибият ва ҳалли масъалаҳо дар сатҳи поёнӣ (субсидиарность) вайрон карда мешаванд[93]. Барои мутобиқат намудан ба принсипҳои мазкур, қонунгузорӣ бояд як

---

муносибатҳои Ҷумҳурии Арманистон бо Калисои Муқаддаси апостолии арманӣ»], CDL-AD(2011)028, банди 38.

[91] Jehova's Witnesses of Moscow and Others v. Russia [«Шоҳидони Яҳво дар Маскав ва дигарон муқобили Россия»], Аризаи №302/02, 10 июни соли 2010, банди 175; Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷамоаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, банди 38; Joint Opinion on the Law on Making Amendments and Addenda to the Law on the Freedom of Conscience and on Religious Organizations and on the Law on Amending the Criminal Code of the Republic of Armenia by the Venice Commission, the Directorate General of Human Rights and Legal Affairs of the Council of Europe, the OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштарак оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Оид ба озодии виҷдон ва дин» ва оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ», кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ, Мудирияти генералии Шӯрои Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои ҳуқуқӣ ва Шӯрои машваратии САҲА/ДИДҲИ оид ба озодии дин ва эътиқод қабул шудааст], CDL-AD(2009)036, банди. 29.

[92] Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Оид ба озодии эътиқоди динӣ»], CDL-AD(2012)022, бандҳои 93-94.

[93] Opinion on the draft law on freedom of Religion, religious organisations and mutual relations with the state of Albania [Хулоса оид бадар лоиҳаи Қонун "Дар бораи озодии дин, ташкилотҳои динӣ ва муносибатҳо бо

қатор чораҳои муҷозоти сабуктарро дошта бошад – мисол, огоҳӣ, ҷарима ё маҳрум намудан аз имтиёзҳои андозӣ,ки онҳоро вобаста ба дараҷаи вазнинии вайронкунӣ бояд пеш аз баррасии масъалаи маҳрум сохтани ҷамоа аз мақоми шахси ҳуқуқӣ татбиқ намуд[94].

Дар қонунгузории граждании **Нидерланд** (Кодекси гражданӣ «Дар бораи шахсони ҳуқуқии манъ кардашуда») масъалаи барҳам додани шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷамоаҳои динии мақоми шахси ҳуқуқидошта ба таври зерин ҳал мешавад:

«Моддаи 2:20: Манъ кардани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби суд

- 1. Агар фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ба тартиботи ҷамъиятӣ мухолиф бошад, суди ноҳиявӣ уҳдадор аст фаъолияти чунин шахси ҳуқуқиро бо дархости прокуратураи давлатӣ манъ кунад ва барҳам диҳад.

- 2. Агар мақсадҳои (вазифаҳои) шахси ҳуқуқии дар қарордоди таъсисӣ зикргардида ба тартиботи ҷамъиятӣ [ordre public] мухолиф бошанд, суди ноҳиявӣ уҳдадор аст бо дархости прокуратураи давлатӣ чунин шахси ҳуқуқиро барҳам диҳад. То чунин бархамдиҳӣ суди ноҳиявӣ метавонад ба шахси ҳуқуқии мазкур барои мутобиқ намудани мақсади (вазифаи) худ ба талаботи тартиботи ҷамъиятӣ муҳлати муайянро таъин намояд».

[…]

Моддаи 2:21: Барҳам додани шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби суд

[…]

- 2. Суди ноҳиявӣ аз барҳам додани шахси ҳуқуқӣ дар он ҳолат худдорӣ менамояд, ки ҳамон суд ба шахси ҳуқуқӣ барои иҷро намудани талаботи қонун муҳлати муайян таъин намудааст ва агар шахси ҳуқуқии мазкур он талаботҳоро дар муҳлати зикргардида иҷро намуда бошад […]»

**34.** Аз мақоми субъекти ҳуқуқӣ маҳрум кардани ташкилотҳои динӣ ё ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда ва аъзоёни он дигар наметавонанд аз ҳимояи ҳуқуқи худ ба озодии пайравӣ ба дин, эътиқод ва дигар ҳуқуқу озодиҳои асосӣ истифода намоянд. Маҳрум кардани чунин ҷамоаҳо аз ҳуқуқҳои асосӣ ва ё ҳатто қарор оид ба манъи фаъолияти онҳо метавонад ба ҳаёти динии кулли аъзоёни онҳо оқибатҳои ҷиддӣ оварад. Аз ин рӯ, аз монеасозӣ ва ё манъ кардани фаъолияти ин ё он ҷамоаи динӣ танҳо бо хотири ҳуқуқвайронкунии як аъзои он, худдорӣ бояд намуд. Чунин чораҳо маънои онро доранд, ки ҷамоа барои амали шахси

давлат дар Албания], CDL-AD(2007)041, аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар 73-юмин Иҷлосияи пленарии он қабулшуда (Венетсия, 14-15 декабри соли 2007), банди 48.

[94] САҲИ, 8 октябри соли 2009, Tebieti Mühafize Cemiyyeti and Israfilov v. Azerbaijan [«Тебиети Мюхафизе Джемиети» ва Исрафилов муқобили Озарбойҷон], Аризаи №37083/03, банди 82; САҲИ, 10 июни соли 2010, Jehova’s Witnesses of Moscow and others v. Russia [«Шоҳидони Яҳво» дар Маскав ва дигарон муқобили Русия], Аризаи №302/02, банди 159.

алоҳида муҷозоти коллективона мегирад, вале аз рӯи адолат бояд ҳар як нафар барои кирдори худ ҷавоб гӯяд. Аз ин рӯ, барои қонунвайронкуниҳое, ки аз ҷониби сардорон ва ё аъзоёни ташкилотҳои динӣ роҳ дода шудаанд, бояд худи онҳоро бо роҳи оғоз намудани парвандаи ҷиноӣ, маъмурӣ ва ё гражданӣ ба ҷавобгарӣ кашид, на кулли ҷамоа ва аъзоёни дигари онҳоро.[95]

**35.** Умуман, барои ҳимоя аз қарор оид ба рад намудани пешниҳоди мақоми шахси ҳуқуқӣ ё маҳрум кардани ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқоди муайян пайравикунанда аз чунин мақом, ки ҳуқуқи соҳиб шудан ба ин мақомро доранд, дар сатҳи миллӣ бояд воситаи самараноки ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда шавад[96]. Давлатҳо уҳдадории умумии иҷрои меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро доранд, масалан, дар моддаи 2(3) ПБҲШС, инчунин дар моддаи 6(1) ва 13-и КАвҲИ дарҷ гардидааст, ки ба ҳар шахс ва ҷамоа бояд ҳуқуқи дастрасӣ ба суд, ки уҳдадор аст ҳуқуқи онҳоро ҳимоя намояд, таъмин карда шавад. Ҳамин тариқ, ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда ҳуқуқи дар муҳлати кӯтоҳтарин ҳал намудани дархосташон оиди бақайдгирӣ (дар ҷое, ки иҷозат аст) [97] ва ҳамчунин ҳуқуқи шикоят (апелятсия) карданро доранд.[98] Сарфи назар аз фарқият миёни низомҳои пешниҳодкунандаи мақоми шахси ҳуқуқӣ (аз ҷумла, дар он ҷойҳое, ки хулосаи аввалро суд мебарорад ва дар ҷойҳои дигар чунин уҳдадорӣ ба зиммаи мақомоти маъмурӣ

---

[95] Interim joint opinion on the law on making amendments and supplements to the law on freedom of conscience and religious organisations and on the laws on amending the criminal code; the administrative offences code and the law on charity of the Republic of Armenia by the Venice Commission and OSCE/ODIHR, CDL-AD(2010)054, para. 99 [Хулосаи пешакии муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ, ҳамчунин, оид ба қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ, кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва қонун оид ба эҳсонкории Ҷумҳурии Арманистон CDL-AD(2010)054, банди 99; Joint Opinion on the Law on Freedom of Religious Belief of the Republic of Azerbaijan by the Venice Commission and the OSCE/ODIHR [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва САҲА/ДИДҲИ дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба озодии пайравӣ ба дин] CDL-AD(2012)022, банди 92.

[96] ECtHR, 27 February 2007, Biserica Adevărat Ortodoxă Din Moldova and others v. Moldova [«Калисои ҳақиқии православии Молдова ва дигарон муқобили Молдова»], Аризаи №952/03, бандҳои 49-54.

[97] ECtHR 31 July 2008, Religionsgemeinschaft der Zeugen Jehovas and Others v. Austria. [Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон 31 июли 2008 с., Ҷамоаи динии "Шоҳидони Яҳво ва дигарон муқобили Австрия"] Ариза № 40825/98, бандҳои 78–80; Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary, CDLAD(2012)004, para. 44 [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷамоаҳои динии Маҷористон] CDLAD(2012)004, банди. 44.

[98] Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷомеаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, банди 80; Joint Opinion on Freedom of Conscience and Religious Organizations in the Republic of Kyrgyzstan by the Venice Commission and OSCE/ODIHR Advisory Council on Freedom of Religion or Belief [Хулосаи муштараки Комиссияи Венетсианӣ ва Шӯрои машваратии САҲА/ДИДҲИ оид ба озодии дин ва ё эътиқод вобаста ба бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон] CDL-AD(2008)032, банди 31; [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷомеаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, банди 82.

вогузошта шудааст), бояд дастрасӣ ба суд ва имконияти аз нав ва самаранок баррасӣ намудани қарорҳои дахлдор кафолат дода шавад. Чунин принсип новобаста аз он, ки қарор дар бораи додани мақоми шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби суди мустақил ё аз тарафи мақомоти маъмурӣ қабул мешавад, амал менамояд ва дар ҳолати охирон назорат аз болои қабули қарор ва ҳуқуқи шикоят кардан ба зинаҳои болоӣ бояд аз тарафи суди мустақилу беғараз ба амал баровaрда шавад.[99]

Дар **Испания** ҷамоаи диние, ки дархосташ оиди бақайдгирӣ рад шудааст, метавонад аз чунин воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ истифода намояд:

(1) воситаи ҳифзи маъмурӣ - муроҷиат ба Вазорати адлия;

(2) воситаи судии ҳифзи ҳуқуқ- муроҷиат ба Суди олии миллӣ (Audiencia Nacional); (3) муроҷиат ба Суди олии Испания (агар, ба андешаи муроҷиаткунанда Суди олии миллӣ даъвои ӯро қонеъ накарда бошад); (4) дар доираи расмиёти махсус муроҷиат ба Суди Конститутсионӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои асосӣ.

Дар асоси муқаррароти Кодекси мурофиаи граждании **Ҷумҳурии Молдова**, даъвогароне, ки нисбати мақомоти давлатӣ даъво пешниҳод намудаанд, бояд аввал барои бидуни суд ҳал кардани қазия кӯшиш намоянд. Аризаи даъвогӣ пеш аз ҳама бояд ба Вазорати дахлдор супорида шавад, пас аз он дар ҳолати дар муҳлати 30 рӯз нагирифтани ҷавоб ё гирифтани ҷавоби ғайриқаноатбахш, даъвогар метавонад ба суд муроҷиат кунад. Агар даъвогар аз қарори баровардаи суди зинаи аввал қонеъ нагардад, метавонад ба Суди Апелятсионӣ ва пас аз он ба Суди олии Молдова муроҷиат кунад.

**36.** Агар ба низоме, ки раванди ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда додани мақоми субъекти ҳуқуқиро ба танзим медарорад, муқарраротҳои нав ворид карда шаванд, бояд дар давраи гузариш қоидаҳои махсусе пешбинӣ гарданд, ки риояи ҳуқуқҳои ҷамоаҳои мавҷудбударо кафолат диҳанд[100]. Вақте қонунҳо қувваи бозгашт доранд ё наметавонанд ҳуқуқҳои бадастовардаи ташкилотҳои динӣ ё ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунандаро кафолат диҳанд (мисол, агар талаботҳои нав муқарраргардида барои дарёфти мақоми шахси ҳуқуқӣ супоридани аризаи такрориро талаб кунанд), пас давлат бояд нишон диҳад, ки чунин маҳдудиятҳо ба талаботҳои қисми I-и Тавсияҳои мазкур ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамчунин, давлат бояд сабабҳо ва асосҳои воқеии ба қонунгузорӣ ворид намудани чунин тағйиротҳоро нишон диҳад ва собит кунад, ки қонунҳои пешниҳодшаванда ба озодии дин ва эътиқод, танҳо то ҳамон дараҷае, ки барои сабабҳои объективии зикршуда заруранд, дахолат мекунанд. Ташкилотҳои динӣ ва ташкилотҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда набояд ба супоридани андози аз ҳад зиёд, пардохтҳои иловагӣ ва андозҳои хусусияти табъиздошта уҳдадор гарданд, агар қоидаҳои нав супоридани

[99] Opinion on Act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷомеаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, бандҳои 82-83.

[100] UN SR Report on Recognition, para. 57. [Маърӯзаи ММ СММ оид ба эътироф, п. 57.]

ҳуқуқи соҳибият ба молумулкро ба шахси ҳуқуқие, ки пештар молумулк ба ӯ таалуқ дошт, талаб кунанд.

**37.** Давлатҳо бояд ба низоми ҳуқуқии кишвар, яъне ба қонунҳо, талаботҳои меъёрӣ, амалия ва/ё сиёсат ба таври самаранок ворид намудани ҳуқуқ ва принсипҳои дар боло зикршударо, таъмин намоянд.[101] Ғайр аз ин, давлатҳо бояд кӯшиш намоянд, то шахсони мансабдоре, ки бо додани мақоми шахси ҳуқуқӣ ба ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда машғуланд, аз принсипҳои байналмилалӣ оид ба озодии дину эътиқод хабардор бошанд ва мутобиқи онҳо амал кунанд.

Дар **Латвия** Шӯъбаи бақайдгирӣ дархостҳо оид ба гирифтани мақоми шахси ҳуқуқиро дар асоси қонунгузории маъмурӣ баррасӣ менамояд. Дар асоси банди 1, моддаи 4 Қонуни мурофиавӣ-маъмурӣ принсипҳои умумии ҳуқуқ татбиқ карда мешаванд, аз ҷумла:

- *Принсипи риояи ҳуқуқҳои инсон*, ки дар асоси он мақомоти давлатӣ ҳангоми қабули ҳама гуна қарорҳо бояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси мазкурро ба инобат гиранд;

- *Принсипи адолатнокӣ,* ки дар асоси он мақомоти давлатӣ бояд дар доираи ваколатҳои дар қонунгузорӣ муқарраргашта амал намояд ва ваколатҳояшро дар асоси моҳият ва мақсадҳои қонун татбиқ намояд;

- *Принсипи татбиқи оқилонаи қонун*, ки дар асоси он мақомоти давлатӣ қонунро бо истифодаи усулҳои умумии тафсири ҳуқуқӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи беғараз ва таъсирбахш татбиқ менамояд;

- *Принсипи манъи қабули худсаронаи қарор,* ки дар асоси он қарори маъмурӣ бояд танҳо ба факту далелҳои барои қабули қарор зарур, аз ҷумла мулоҳизаҳои воқеӣ ва натиҷабахши ҳуқуқӣ такя намояд;

- *Принсипи қонуният,* ки дар асоси он мақомоти давлатӣ метавонад танҳо дар асоси Конститутсия, қонунгузорӣ ва ё ҳуқуқи байналмилалӣ қарор қабул намояд;

- *Принсипи мутаносибият,* ки дар асоси он мақомоти давлатӣ ҳангоми татбиқи қонун бояд ба инобат гирад, ки оё қарори маъмурии бар зарари фарди мазкур қабулшаванда дар ҷомеаи демократӣ зарур аст ё на;

- *Принсипи адолати мурофиавӣ,* ки дар асоси он мақомоти давлатӣ ҳангоми қабули қарор бояд ҳатман беғаразона рафтор намояд ва ба иштирокчиёни мурофиа имконият диҳад, то онҳо нуқтаи назари худро баён карда, далелҳо биёранд. Ҳамчунин нагузорад,

[101] Maastricht 2003, para. 9: [the Ministerial Council] "commits to ensure and facilitate the freedom of the individual to profess and practice a Religion or belief, alone or in community with others, where necessary through transparent and non-discriminatory laws, regulations, practices and policies". [Маастрихт, 2003, банди 9: [Шӯрои вазирон] "уҳдадор мешавадӯҳдадор аст, ки озодии ҳар як нафарро барои пайравӣ намудан ба дин танҳо ва ё якҷоя бо дигарон, таъмин ва мусоидат намояд. Дар ҳолатҳои зарурӣ инро тавассути қонун, қоида ва сиёсати шаффоф ва орӣ аз табъиз иҷро намояд"].

| |
|---|
| то мансабдори давлатие, ки беғаразиаш вобаста ба ҳамин масъала зери шубҳа аст, дар қабули қарор иштирок намояд. |

**Қисми IV. Имтиёзҳо барои ҷамоаҳо (ташкилотҳо)- и динӣ ё ҷамоа (ташкилотҳо) - и ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда**

**38.** Давлатҳо метавонанд ба ҷамоаҳо (ташкилотҳо)-и динӣ ё ҷамоаҳо (ташкилотҳо) - и ба эътиқоди муайян пайравикунанда баъзе **имтиёзҳо** диҳанд. Масалан, ҷудо кардани кӯмаки молӣ, ҷудо кардани ҳиссаи маблағ аз пардохтҳои андозӣ ба манфиати ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқоди муайян пайравикунанда ё ин ки додани имконияти аъзошавӣ ба оҷонсиҳои давлатии пахши радиову телевизион[102]. Гузоштани талаботҳои иловагӣ ба ҷамоаҳои динӣ ва ҷамоаҳои ба эътиқоди муайян пайравикунанда танҳо дар ҳолати ба онҳо пешниҳод намудани чунин имтиёзҳо мумкин аст, аммо ба шарте ки чунин талаботҳо мутаносиб буда, хислати табъизӣ надошта бошанд.

Дар **Иёлоти Муттаҳидаи Амрико** ташкилотҳои динӣ аз имтиёзҳои зиёд истифода мебаранд, аз ҷумла:

i. Ҳамаи имтиёзҳое, ки одатан ба корпоратсияҳо дода мешаванд, ба монанди, имконияти оғоз намудани мурофиаҳои судӣ, иштирок дар муносибатҳои шартномавӣ ва пешниҳоди ариза барои гирифтани иҷозатномаи истифодаи замин;

ii. Кам кардани андоз аз эҳсонкориҳо;

iii. Озод кардан аз супоридани андоз аз даромади иттиҳодияҳо;

iv. Дар аксари ҳолатҳо – озод намудан аз супоридани андоз аз фурӯш;

v. Додани тахфиф аз тарофаҳои почтавӣ ҳангоми ирсоли зиёда аз 250 муросилоти якхела;

vi. Масъулияти маҳдуди мудирон ва кормандон ҳангоми гузаронидани амалиётҳо аз номи ташкилот;

vii. Дастрасӣ барои дарёфти грантҳои давлативу хусусӣ.

Дар **Олмон** дар асоси банди 3 моддаи 6 Қонун «Дар бораи андоз аз тиҷорат» (Gewerbesteuergesetz) ҷамоаҳои диние, ки ҳамчун корпоратсияҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд, қисман аз супоридани андоз аз тиҷорат озоданд. Корпоратсияҳо, иттиҳодияи одамон ва молу мулкашон, ки дар асоси оинномa, санадҳои таъсисӣ, ҳамчунин аз рӯи тарзи пешбурди кор мақсади фаъолияташон комилан динӣ бошад, аз пардохти андоз аз тиҷорат озод карда мешаванд. Ин имтиёз дар ҳолатҳое татбиқ намешавад, ки онҳо фаъолияти корхонаи тиҷоратиро идора менамоянд (ба истиснои корхонаҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ ва ҷангал).

**39.** Давлатҳо метавонанд ба ҷамоаҳои динӣ чунин имтиёзҳоро пешниҳод намоянд, аммо дар баробари ин бе ягон табъиз пешниҳод ва амалӣ гаштани ин имтиёзҳо бояд

---

[102] UN SR Report on Recognition, para. 59. [Маърӯзаи ММ СММ оид ба эътироф, банди 59]

таъмин карда шаванд[103]. Барои ин зарур аст, ки чунин низом асосҳои объективӣ ва оқилона дошта бошад, яъне мақсадҳои қонуниро пайгирӣ намуда, таносуби асоснок миёни мақсадҳои пешгирифта ва маблағҳои истифодашаванда риоя гардад[104].

**40.** Аз ҷумла, ҷой доштан ё бастани созишномаи байни давлат ва ҷамоаи динии мушаххас, ё ин ки мавҷуд будани қонуне, ки низоми махсуси имтиёздиҳиро нисбати ҷамоаи динӣ муайян мекунад, умуман ба ҳуқуқи манъи таъбиз дар асоси дину эътиқод мухолифат надорад, ба шарте ки агар роҳандозии чунин низоми имтиёздиҳӣ асоснок ва мақсаднок бошад, ҳамчунин, дар ҳолати зарурӣ, ба дигар ҷамоаҳои динӣ низ барои бастани чунин созишномаҳо имконият фароҳам оварда шавад[105]. Созишнома ва қонунгузорӣ метавонанд нақши таърихии динҳои гуногунро, ки онҳо дар ташаккули таърихии кишвари мушаххас ва ҷомеаи он нақш бозидаанд ва ҳоло ҳам мебозанд, эътироф намоянд[106]. Мавҷудияти низомҳои гуногун нисбати ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқоди муайян пайравикунанда, ки дар натиҷа ба баъзеи ҷамоаҳо қонун бартарият дода мақоми махсус медиҳад (имтиёзҳоро пешбинӣ мекунад), ва дигар ҷамоаҳое, ки мақоми махсус надоранд, аз чунин афзалиятҳо маҳрум месозад, метавонанд, ки ба талабот оид ба манъи табъиз дар асоси дин ва эътиқод мувофиқ бошанд, ба шарте, ки давлати мазкур низоми ба гуруҳҳои динӣ додани мақоми махсуси субъекти ҳуқуқиро таъсис диҳад. Ҳамаи ҷамоаҳои динӣ, ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда, ки мехоҳанд чунин мақомро соҳиб шаванд, дар пешниҳоди дархости дахлдор бояд имконияти баробар дошта бошанд. Ҳамчунин, истифодаи меъёрҳое, ки барои гирифтани мақоми субъекти ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, бояд хусусияти ғайритабъизӣ дошта бошанд[107].

**41.** Агар ин ё он дин ҳамчун дини расмии давлатӣ ё анъанавии кишвар эътироф шуда бошад, ё ин ки пайравони ин ё он дин дар ҳамон кишвар аксариятро ташкил диҳанд, пас ин метавонад асос барои дарёфти мақоми махсус бошад. Аммо ба шарте ки ин ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон зарар намерасонад ва ба табъиз шудани

---

[103] UN SR Report on Recognition, para. 61 [Маърӯзаи ММ СММ оид ба эътироф, банди 61]; ECtHR 25 September 2012, Jehovas Zeugen in Österreich v Austria, Application no. 27540/05, para. 32 САҲИ аз 25 сентябри соли 2012, [Шоҳидони Яҳво муқобили Австрия], Аризаи №27540/05, банди 32; Тавсияҳои 2004 с., банди E (2).

[104] САҲИ, 9 декабри соли 2010, Savez Crkava "Riječ Života" and others v. Croatia, Шӯрои калисоҳои «Сухани ҳаёт» ва дигарон муқобили Хорватия], Аризаи № 7798/08, банди 86; САҲИ, 16 марти соли 2010, Oršuš and Others v. Croatia [Оршуш ва дигарон муқобили Хорватия], Аризаи № 15766/03, банди 156].

[105] САҲИ, 9 декабри соли 2010, SavezCrkava "RiječŽivota" and others v. Croatia, [Шӯрои калисоҳои «Сухани ҳаёт» ва дигарон муқобили Хорватия] Аризаи №7798/08, банди 85; САҲИ, 10 декабри соли 2009, Koppi v. Austria [Коппи муқобили Австрия], Аризаи № 33001/03, банди 33.

[106] 2004 Guidelines, section II.B (3).[Тавсияҳои соли 2004. Боби II.Б (3)]

[107] САҲИ, 10 декабри соли 2009, Koppi v. Austria [Коппи муқобили Австрия], Аризаи №33001/03, банди 92; Opinion on act CCVI of 2011 on the right to freedom of conscience and religion and the legal status of churches, denominations and religious communities of Hungary [Хулоса оид ба Қонуни CCVI соли 2011 оид ба ҳуқуқи озодии виҷдон ва дин ва вазъи ҳуқуқии калисоҳо, мазҳабҳо ва ҷамоаҳои динии Маҷористон], CDL-AD(2012)004, банди 46.

пайравони динҳои дигар ё шахсони бедин оварда намерасонад[108]. Аз ҷумла, баъзе меъёрҳое, ки нисбат ба гуруҳи охирон хусусияти таъбизӣ доранд, (чунончӣ, аз ҷониби пайравони дини давлатӣ ё дини ҳукмрон маҳдуд кардани дастрасии доираи шахсон ба хизмати давлатӣ, ба онҳо додани имтиёзҳои иқтисодӣ, ё муқаррар намудани маҳдудиятҳои махсус барои пайравӣ намудан ба эътиқодҳои дигар, ба муқаррароти манъи табъиз дар асоси дин ё эътиқод мухолифат намуда, кафолати ҳимояи баробари ҳуқуқҳоро таъмин намекунад[109].

**42.** Ҳуқуқҳое, ки дар қисмҳои II ва III-и ҳуҷҷати мазкур баррасӣ гардиданд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба озодии пайравӣ ба дин ва ё эътиқод якҷоя бо дигарон, ҳуқуқ ба гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ набояд ҳамчун имтиёз дониста шаванд, балки якҷоя бо дигар ҳуқуқҳо, яке аз рукнҳои асосии озодии пайравӣ ба дину эътиқод шинохта шаванд[110]. Аз ҷумла, тавре дар боло зикр гардид, набояд аз мақоми шахси ҳуқуқӣ сӯистифода карда, ҳуқуқу озодиҳои шахсони алоҳида ва ё ҷомеаҳоеро, ки барои амалӣ гардонидани озодии дин ва эътиқод талош доранд, маҳдуд сохт; чунин тадбир ҷараёни дарёфти мақоми дилхохро вобастаи тартиботи бақайдгирӣ ва ё дигар маҳдудиятҳо мегардонад. Аз ҷониби дигар, дастрасӣ ба гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ бояд ба миқдори ҳарчи зиёди ҷамоаҳои динӣ имконпазир бошад, аммо ҳамзамон ягон ҷамоа набояд аз чунин имконият танҳо ба хотири пайравидин ё эътиқоди ғайрианъанавӣ ва ё эътирофнашуда буданаш маҳрум гардад. Муносибати гуногун нисбати тартиби додани мақоми шахси ҳуқуқӣ, танҳо дар он ҳолат ба принсипҳои манъи таъбиз мувофиқат мекунад, ки агар барои чунин муносибат асосноккунии объективӣ ва оқилона ҷой дошта бошад, агар чунин муносибати гуногун барои аз ҷониби ҷамоаҳо (ақаллиятҳо) ва аъзоёни онҳо амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба озодии дин ва эътиқод таъсир нарасонад ва агар тартиби аз ҷониби чунин ҷамоаҳо гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ беҳад вазнин набошад[111].

---

[108] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон Мулоҳизоти умумии № 22, банди 9.; Observations on the final draft Constitution of the Republic of Tunisia, CDL-AD(2013)034, adopted by the Venice Commission at its 96th Plenary Session (Venice 10–11 October 2013), para. 27 [Мулоҳизаҳо оид ба лоиҳаи ниҳоии Конститутсияи Ҷумҳурии Тунис], CDL-AD(2013)034, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар Иҷлосияи пленарии 96-ум қабул шудааст (Венетсия 10-11 октябри соли 2013), банди 27.

[109] Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Мулоҳизоти умумии № 22, банди 9.; Observations on the final draft Constitution of the Republic of Tunisia, CDL-AD(2013)034, adopted by the Venice Commission at its 96th Plenary Session (Venice 10–11 October 2013), para. 27[Мулоҳизаҳо оид ба лоиҳаи ниҳоии Конститутсияи Ҷумҳурии Тунис], CDL-AD(2013)034, ки аз ҷониби Комиссияи Венетсианӣ дар Иҷлосияи пленарии 96-ум қабул шудааст (Венетсия 10-11 октябри соли 2013), бандҳои 27-37.

[110] Маърузаи маърӯзачии махсуси СММ, банди 30: "Давлат уҳдадор аст, озодии дин ва эътиқоди ҳар як инсонро ҳамчун қисми ҷудонопазири ҳуқуқи ҳар фард, ки ҳар яки онҳо соҳиби мақоми дорандаи ҳуқуқ дар ҳуқуқи байналмилалӣ аз лиҳози шаъну шарафи инсонии ба ӯ тааллуқдошта мебошад ва сарфи назар кардани он иҷозат дода намешавад, эҳтиром намояд".

[111] Opinion on the draft Law on amendment and supplementation of Law no 02/L-31 on freedom of religion, CDL-AD(2014)012, paras. 41–67. [Хулоса оид ба лоиҳаи Қонун дар бораи тағйиру иловаҳо ба Қонуни №202/L- оид ба озодии дин, CDL-AD(2014)012, бандҳои 41-67]

**Замима.**

**Уҳдадориҳои интихобнамудаи САҲА оид ба озодии дин ё эътиқод**

Ҳелсинкӣ, 1975 с. (Масъалаҳои вобаста ба амният дар Аврупо: 1 (а) Эъломияи принсипҳои роҳбарикунандае, ки давлатҳои иштирокчӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба роҳбарӣ мегиранд, – Принсипи VII):

«Давлатҳои иштирокчӣ ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, аз ҷумла, озодии ақида, виҷдон, дин ва ё эътиқодро барои ҳама новобаста аз нажод, ҷинс, забон ва дин эҳтиром менамоянд».

(…)

«Дар ин чорчӯба давлатҳои иштирокчӣ озодии шахсро вобастаба танҳо ва ё якҷоя бо дигарон пайравӣ намудан ба дин ё эътиқодро мутобиқи амри виҷдони худ эҳтиром ва эътироф хоҳанд кард».

**Ҳелсинкӣ, 1975 с.** (Ҳамкорӣ дар самти башардӯстӣ ва дигар самтҳо):

«Давлатҳои иштирокчӣ (…) тасдиқ мекунанд, ки муассиса ва ташкилотҳои диние, ки дар чарчӯбаи конститутсияи давлатҳои иштирокчӣ фаъолият мекунанд, ҳамчунин намояндагони онҳо метавонанд дар доираи фаъолияташон бо ҳамдигар равобити ҳамкорӣ барқарор намуда, вохӯриҳо гузаронанд ва мубодилаи иттилоот кунанд».

**Мадрид 1983 с. (Масъалаҳои амният дар Аврупо: Принсипҳо):**

"Давлатҳои иштирокчӣ (...) тасдиқ мекунанд, ки онҳо озодии шахсро вобаста ба танҳо ва ё якҷоя бо дигарон пайравӣ намудан ба дин ё эътиқодро мутобиқи амри виҷдони худ эътироф ва эҳтиром менамоянд, ҳамчунин ғайр аз ин чораҳои зарурирo барои таъмини онҳо меандешанд. Дар ин замина, ҳангоми зарурат дар ҳама ҳолат онҳо бо муассисаву ташкилотҳои динӣ, ки дар қаламрави кишварашон дар асоси конститутсия фаъолият менамоянд, машварат мекунанд.

Онҳо дархостҳои иттиҳодияҳои диниро, ки дар чорчӯбаи конститутсияи кишвар ба дини худ пайравӣ мекунанд ё омодаанд пайравӣ кунанд, барои гирифтани мақоме, ки дар давлатҳои онҳо барои муассиса ва ташкилотҳои динӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври хайрхоҳона баррасӣ менамоянд".

**Вена, 1989 с. (Масъалаҳои вобаста ба амният дар Аврупо: Принсипҳо):**

(…)

«(11) [Давлатҳои иштирокчӣ] тасдиқ мекунанд, ки ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, аз ҷумла, озодии ақида, виҷдон, дин ва эътиқодро новобаста аз нажод, ҷинс, забон ва дин эҳтиром менамоянд. Онҳо ҳамчунин аҳамияти умумибашарӣ доштани ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосиро, ки эҳтиром кардани онҳо омили асосии сулҳ, адолат ва субот буда, барои густариши равобити дӯстона ва ҳамкорӣ миёни онҳо ва миёни ҳамаи давлатҳо мусоидат мекунанд, эътироф менамоянд».

(…)

«(16) Бо мақсади таъмини озодиҳои шахсии ҳар як фард (…) барои пайравӣ ба дин ё эътиқод давлатҳои иштирокчӣ дар қатори дигар корҳо, аз ҷумла чунин иқдомҳоро пеш мегиранд:

(16.1) – барои пешгирӣ ва барҳам додани табъиз нисбати шахсон ва ё иттиҳодияҳо дар асоси дин ё эътиқод барои эътироф, амалигардонӣ ва истифода намудани ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин барои таъмини баробарӣ миёни шахсони диндор ва бедин чораҳои самаранок меандешанд;

(16.2) – баҳри таъмини фазои таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром миёни диндорони иттиҳодияҳои гуногун ва ҳамчунин миёни шахсони диндор ва бедин мусоидат мекунанд;

(16.3) – бо дархости иттиҳодияҳои диндорон, пайравон ва ё онҳое, ки тайёранд динашонро дар чаҳорчӯбаи конститутсияи кишварашон пайравӣ намоянд, додани мақоме, ки ҳамон давлат барояшон пешбинӣ кардааст;

(16.4) –эҳтиром кардани ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои динӣ барои:

- таъсис додан ва нигоҳ доштани ҷойҳои озоду дастрас барои ибодат ё ҷамъомадҳо;
- роҳандозӣ намудани фаъолияти дар асоси сохтори иерархӣ ва институтсионалии худ;
- интихоб, таъин ва ҷойивазкунии кормандон дар асоси талаботу меъёрҳои дохилии иттиҳодия, ё худ дар асоси ҳар гуна созишномаи ихтиёрии миёни давлат ва иттиҳодия басташуда;
- дархост намудан ва гирифтани хайрияҳои ихтиёрии молиявӣ ва дигар намуди хайрияҳо;

(16.5) – машварат кардан бо муассиса ва ташкилотҳои динӣ бо мақсади беҳтар дарк кардани талаботҳои озодиҳои динӣ;

(16.6) – эҳтиром намудани ҳуқуқи ҳар шахс барои гирифтан ва додани таҳсилоти динӣ ба забони дилхоҳ дар алоҳидагӣ ва ё ҳамроҳ бо дигарон;

(16.7) – дар ин радиф, эҳтиром намудани ҳуқуқу озодиҳои волидайн дар таъмин намудани таълиму тарбияи ахлоқӣ ва динии фарзандон дар рӯҳияи эътиқоди худ;

(16.8) – иҷозат додан барои омода намудани кормандони динӣ дар муассисаҳои дахлдор;

(16.9) – эҳтироми ҳуқуқи ҳар шахс ва иттиҳодияҳои динӣ барои дастрас ва истифода кардани китобҳо ва нашрияҳои динӣ бо забони дилхоҳашон ва дигар ашёҳову маводҳои марбут ба тарзи ибодати динӣ ё эътиқод ва соҳибӣ намудани онҳо;

(16.10) – иҷозат додан ба чоп, воридот ва паҳн намудани нашриёту маводҳои динӣ аз ҷониби рӯҳониён, муассисаву ташкилотҳо динӣ;

(16.11) –хайрхоҳона баррасӣ намудани масъалаи иштироки иттиҳодияҳои динӣ дар муколамаи ҷамъиятӣ, аз ҷумла, тариқи васоити ахбори омма;

(17) Давлатҳои иштирокчӣ эътироф менамоянд, ки амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои дар боло зикрёфта вобаста ба озодии дину эътиқод, танҳо дар он ҳолат маҳдуд карда мешаванд, ки агар чунин маҳдудкунӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад ва ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии давлатҳо ҷавобгӯ бошад. Давлатҳо дар қонунгузорӣ ва қоидаҳои маъмурии худ ва ҳамчунин дар раванди татбиқи онҳо амалигардонии пурра ва самараноки озодии ақида, виҷдон ва дину эътиқодро таъмин менамоянд».

(…)

«(32) Давлатҳо ба диндорон, рӯҳониён ва намояндагони онҳо иҷозат медиҳанд, то ба таври инфиродӣ ё гурӯҳӣ миёни ҳамдигар дар кишвари худ ё дар дигар давлатҳо, ҳангоми сафарҳо, зиёрат, анҷуман ва дигар маросимҳои динӣ равобити ҳамкориву шахсӣ барқарор кунанд. Дар ин замина, ба онҳо ба ҳамон миқдоре, ки ба чунин гӯруҳҳо ва чорабиниҳо ҳамандоза аст, дар доираи муқаррашуда харидорӣ намудан, гирифтан ва бо худ бурдани нашриёту ашёҳои динии ба татбиқи дин ё эътиқоди онҳо марбутбуда низ иҷозат дода мешавад».

**Копенгаген, 1990 с.:**

«Давлатҳои иштирокчӣ тасдиқ мекунанд, ки […]

(9.4) – ҳар як инсон ба озодии ақида, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ ҳамчунин ба ҳар як нафар барои озодона ва мустақилона иваз кардани ягон дину эътиқод ва озодона пайравӣ намудан ба дини худ, дар алоҳидагӣ ва ё якҷоя бо дигарон, ошкоро ва ё пинҳонӣ, иштирок дар ибодати динӣ, адои маросимҳои динӣ ва таълими динӣ иҷозат медиҳад; Маҳдудсозии ин ҳуқуқҳо танҳо дар чорчӯбаи қонун ё тибқи меъёрҳои байналмилалӣ имконпазиранд».

(…)

«(32) (…) Шахсоне, ки ба аққалиятҳои миллӣ тааллуқ доранд, ба озодона баён кардан, нигоҳ доштан ва густариш додани анъанаҳои диниву этникӣ ва забониашон ҳуқуқ доранд ва метавонанд фарҳанги худро бидуни ягон мутобиққунии (ассимилятсияи) маҷбурӣ ҳаматарафа рушд диҳанд. Аз ҷумла, онҳо ҳуқуқ доранд:

(…)

(32.3) – пайравӣ намудан ба дини худ, аз ҷумла, ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифода кардани маводҳои динӣ ва амалӣ гардонидани фаъолияти динӣ дар соҳаи маориф бо забони модарӣ»;

(…)

«(33) Давлатҳои иштирокчӣ дар қаламрави худ мустақилияти этникӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии аққалиятҳои миллиро ҳифз мекунанд ва барои баланд бардоштани ин мустақилият шароити мусоид фароҳам меоваранд. Бо ин мақсад пас аз машваратҳои зарурӣ ва барқарор намудани равобит бо ташкилот ва анҷуманҳои

аққалиятҳои миллӣ, давлатҳо дар асоси расмиёти қабули қарорҳо дар ин кишвар, чораҳои зарурӣ меандешанд.
Ҳар кадоми ин чораҳо ба принсипҳои баробарӣ ва манъи табъиз нисбати дигар шаҳрвандони давлатҳои иштирокчӣ мувофиқ мебошанд».

**Будапешт, 1994 с.** (Қарори VIII. Ченакҳои инсонӣ):

«27. [Давлатҳои иштирокчӣ], уҳдадориҳои худро оид ба таъмини озодии виҷдон ва дин, фароҳам овардани шароити мусоиди таҳамуллпазирӣ ва эҳтиром миёни диндорони ҷамоаҳои гуногун, ҳамчунин байни шахсони диндор ва бедин дубора тасдиқ намуда, аз сӯистифода шудани дин барои амалӣ сохтани мақсадҳои хушунатомези миллатгароёна изҳори нигаронӣ намуданд».

**Маастрихт, 2003с.** (Қарорҳо: Қарори №4/03 «Таҳаммулпазирӣ ва манъи таъбиз»)

«9. [Шӯрои вазирон] муҳимияти озодии ақида, дин, виҷдон ва эътиқодро изҳор менамоянд ва ҳама намуди табъизу зӯроварӣ, аз ҷумла ҳар гуна зӯроварӣ нисбати гурӯҳҳои динӣ ва диндорони алоҳидаро маҳкум менамоянд. Уҳдадор мешавад, ки озодии шахсро ба пайравӣ ба дин ва ибодат, дар алоҳидагӣ ва ё якҷоя бо дигарон - дар ҳолатҳои зарурӣ тавассути қонунгузорӣ, қоида, таҷрибаву сиёсати шаффофу аз табъиз озод таъмин ва таҳким намояд.

Ба давлатҳои иштирокчӣ тавсия медиҳад, ки барои кӯмак ба ДИДҲИ ва гурӯҳи коршиносони он дар масъалаҳои озодии дин ва эътиқод муроҷиат намоянд».

**Киев, 2013 с**. (Қарори № 3/13 «Озодии ақида, виҷдон, дин ва эътиқод»):

«Шӯрои вазирон […]:

Давлатҳои иштирокчиро ба иқдомҳои зерин даъват менамоянд:

- иҷрои пурраи уҳдадориҳои дар доираи САҲА ба зимма гирифта оид ба озодии ақида, виҷдон, дин ва эътиқод;
- иҷрои пурраи уҳдадориҳо оид ба таъмини ҳуқуқи ҳамаи одамон барои пайравӣ ба дин ва эътиқод, дар алоҳидагӣ ва ё якҷоя бо дигарон, ошкоро ва ё пинҳонӣ, иштирок дар ибодати динӣ, адои маросимҳои динӣ ва таълими динӣ, ки инро давлатҳо метавонанд, аз ҷумла тавассути амалӣ гардонидани қонуну қоидаҳо, таҷриба ва дастурҳои сиёсӣ амалӣ намоянд;
- худдорӣ намудан аз маҳдудсозиҳои ҳуқуқҳои шахсони алоҳида ва иттиҳодияҳои динӣ барои пайравӣ ба расму оини динӣ ё эътиқод, ки ба уҳдадориҳои сиёсии дар доираи САҲА қабулшуда ва уҳдадориҳои байналмилалӣ мухолифат доранд;
- ҳавасманд ва осон намудани муколама ва ҳамкории озоду шаффоф миёни динҳои гуногун;

- кӯшиш намудан барои пешгирии таҳаммулнопазирӣ, зӯроварӣ ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод, аз ҷумла, нисбати насрониён, яҳудиёну мусулмонон ва пайравони динҳои дигар ва шахсони бедин; маҳкум намудани зӯроварӣ ва табъиз дар асоси дин ва барои пешгирӣ аз ҳуҷум ба одамон ва гурӯҳи одамон дар асоси ақида, виҷдон, дин, эътиқод ва ҳимояи онҳо аз чунин ҳуҷумҳо;
- сари вақт ба раванди муҳокимаи қонун ва лоиҳаи қонунҳои дахлдор ҷалб намудани ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ҳамақида;
- мусоидат намудан ба муколамаи миёни иттиҳодияҳои диниву иттиҳодияҳои ҳамақида, сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, дар ҳолати зарурӣ барои баррасии масъалаҳои вобаста ба истифодаи маконҳои ибодат ва амволи динӣ;
- аз ҷониби кормандони мақомоти давлатӣ ҳангоми иҷрои ваколатҳои хизматӣ андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирӣ ва ё барҳам додани табъиз дар асоси дину ақида нисбати шахсони алоҳида, ё иттиҳодияҳои диниву иттиҳодияҳои пайравони як ақида, аз ҷумла шахсони бедин;
- пеш бурдани сиёсати созанда, ки ба ҳифзи маконҳои ибодат, муассисаҳои динӣ, ёдгориҳои динӣ, қабристон ва зиёратгоҳҳо аз нобудшавӣ ва харобшавӣ нигаронида шудааст».

**ДАР БОРАИ ДИДҲИ**

Дафтари САҲА оид ба Институтҳои Демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДИДҲИ) институти махсусгардонидашудаи САҲА мебошад, ки дар самти интихобот, ҳуқуқи инсон ва демократикунонӣ кор мекунад. Идораи ДИДҲИ дар пойтахти Лаҳистон, шаҳри Варшава ҷойгир шуда, корҳои зеринро анҷом медиҳад:

- мусоидат ба раванди интихоботи демократӣ бо роҳи назорати ҳамаҷонибаи интихобот ва роҳандозии лоиҳаҳои ба гузаронидани интихобот кӯмаккунанда бо максади рушди минбаъдаи демократияи намояндагӣ бо иштироки васеи аҳолӣ;
- кӯмак ба давлатҳои иштирокчӣ барои иҷрои уҳдадориҳояшон дар самти ченакҳои инсонӣ бо роҳи пешниҳоди ёрии машваратӣ ва дастгирии амалӣ бо мақсади таҳкими институтҳои демократӣ тавассути амалӣ гардонидани барномаҳои дарозмӯҳлат, ки ба тарғиби волоияти қонун, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва идоркунии демократӣ нигаронида шудаанд;
- мусоидат ба ҳайати вакилони САҲА дар ҷойҳо барои амалисозии барномаҳо вобаста ба ченакҳои инсонӣ тавассути гузаронидани омӯзишҳо, расонидани машваратҳо оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, мубодилаи таҷриба ва ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи минтақавӣ;
- мусоидат барои пешакӣ ошкор ва пешгирӣ намудани низоъҳои эҳтимолӣ тавассути мониторинги аз ҷониби давлати иштирокчӣ иҷро намудани уҳдадориҳо дар самти ченакҳои инсонӣ; мунтазам гузаронидани курсҳои омӯзишӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кормандони САҲА;
- мусоидат ба давлатҳои иштирокчӣ дар иҷрои уҳдадориҳояшон оид ба пешбурди сиёсати таҳаммулпазирӣ ва мубориза бо табъиз, ҳамчунин дастгирии чораҳо дар самти пешгирии ҷиноятҳо бар пояи кинаву адоват ва нишонаҳои оштинопазирӣ аз рӯи аломати нажодӣ, ранги пӯст, ҷинс, забон, дину эътиқод, мавқеи сиёсӣ, баромади миллӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк;
- иҷрои вазифаҳои Маркази тамоси САҲА оид ба масъалаҳои рома ва синтӣ; мусоидат ба ҳамгироии гурӯҳҳои рома ва синтиӣдар ҷамъиятҳое, ки онҳо айни замон зиндагӣ доранд;
- мунтазам гузаронидани ҷаласаҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳо дар самти ченакҳои инсонӣ, ба монанди Ҷаласаи оид ба иҷрои уҳдадориҳо дар самти ченакҳои инсонӣ, Семинари ҳарсола оид ба ченакҳои инсонӣ, ва Ҷаласаҳои иловагӣ оид ба ченакҳои инсонӣ;
- амалисозии стратегияи гендерӣ бо роҳи коркард ва ислоҳи сиёсату амалҳо барои таъмини муносибати баробарии гендерӣ, ҳамзамон андешидани чораҳои зарурии ба беҳдошти вазъи занон дар минтақаи САҲА равонашуда.

**Иқтидори экспертӣ**

Аз маҷмӯи васеи масъалаҳои ба ҳуқуқи инсон ва демократикунонӣ вобастабуда иқтидори экспертӣ ва фаъолияти ДИДҲИ ба самтҳои зерин равона карда шудааст: интихоботҳои демократӣ, мониторинги аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ иҷро шудани уҳдадориҳои САҲА дар соҳаи ҳуқуқи инсон, масъалаҳои рома ва синтӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳангоми мубориза бар зидди терроризм, озодии дин ё ақида, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, озодии рафтуомад, волоияти қонун, баробарии гендерӣ ва муқовимат бар зиди таҳаммулнопазирӣ ва табъиз.

**Дар бораи Комиссияи Венетсианӣ**

**Комиссияи аврупоӣ барои демократия тавассути қонун -** машҳур бо номи “Комиссияи Венетсианӣ”, ки ҷаласаҳояш дар Венетсия баргузор мешаванд, сохтори машваратии Шӯрои Аврупо оид ба масъалаҳои конститутсионӣ мебошад.

**Вазифаи** Комиссияи Венетсианӣ аз пешниҳоди машваратҳои ҳуқуқӣ ба кишварҳои аъзо иборат буда, Комиссия махсусан ба кишварҳое, ки мехоҳанд сохтори ҳуқуқӣ ва институтҳои хешро ба меъёрҳои аврупоӣ, таҷрибаҳои байналмилалӣ дар самти демократикунонӣ, ҳуқуқи башар ва волоияти қонун мутобиқ намоянд, кӯмак мекунад.

Илова бар ин, Комиссия дар паҳн намудан ва тақвияти мероси конститутсионӣ мусоидат намуда, дар ҳалли низоъҳо нақши муҳим мебозад ва ҳамчунин ба кишварҳои дар давраи гузариш ба демократия қарордошта «ёрии таъҷилии конститутсионӣ» пешниҳод менамояд.

59 давлат узви ин Комиссия мебошанд: 47 давлат узви Шӯрои Аврупо ва 12 давлати дигар (Алҷазоир, Бразилия, Исроил, Қазоқистон, Қирғизистон, Марокаш, Мексика, Перу, Ҷумҳурии Куриё, ИМА, Тунис ва Чилӣ,). Комиссияи Шӯрои Аврупо ва САҲА/ДИДҲИ дар ҷаласаҳои пленарии Комиссия ширкат мекунанд.

Профессорони соҳаи ҳуқуқи давлативу байналмилалӣ, судяҳои судҳои оливу конститутсионӣ, вакилони парлумонҳои миллӣ ва як қатор кормандони мақомоти давлатӣ узви инфиродии Комиссия мебошанд. Онҳо ба муддати чор сол аз ҷониби давлатҳои аъзо таъин мегарданд, аммо дар Комиссия танҳо аз номи худ баромад мекунанд. Шурӯъ аз моҳи декабри соли 2009 Ҷанни Букиккио роҳбарии Комиссияи Венетсианиро бар зимма дорад.

Комиссия дар се самт фаъолияти худро пеш мебарад:

- институтҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои асосии инсон;
- адолати конститутсионӣ ва низоми адолати судии умумӣ;
- интихобот, раъйпурсӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ.

**Котиботи доимии** Комиссия дар шаҳри Страсбурги Фаронса, дар идораи Шӯрои Аврупо ҷойгир аст. **Ҷаласаҳои пленарии** Комиссия дар шаҳри Венетсия (Италия), дар бинои Скуола Гранде Сан - Ҷованни Эвангелиста (Scuola Grande di San Giovanni Evangelista) чаҳор бор дар як сол (дар моҳҳои март, июн, октябр, декабр) баргузор мегарданд.

Тавсияҳои мазкур ба шахсоне, ки дар коркард ва амалисозии қонунгузорӣ дар самти озодии дину эътиқод иштирок менамоянд, ҳамчунин ба намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ пешбинӣ шуда, аз маҷмӯи меъёрҳои байналмилалӣ дар самти эътироф намудани ҷамоаҳои динӣ ё ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда иборат аст. Тавсияҳо дар асоси уҳдадориҳои дар доираи САҲА ба зимма гирифташуда ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи инсон таҳия шудааст. ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсианӣ умед доранд, ки Тавсияҳо ба таври васеъ истифода шуда, ба ҷамоаҳои диниву ҷамоаҳои ба эътиқодҳои муайян пайравикунанда барои гирифтани мақоми дилхоҳ ёрӣ мерасонад, дар баробари ин ба ҳамаи шахсон барои амалӣ шудани ҳуқуқ ба озодии пайравӣ ба дин ва эътиқод ба пуррагӣ ва бо шаъну шарафе, ки сазовори он мебошад, мусоидат менамояд.